# Шаҳодати Стив Томпсон

Ассалом!
Номи ман Стив Томпсон. Ман 15 марти соли 1950 дар Чикаго таваллуд шудаам. Оилаи мо аз 11 фарзанд иборат буд ва ман фарзанди чорумӣ будам. Бачагӣ ва ҷавонии ман дар ҷануби Чикаго гузаштааст. Дар он ҷо ман мактаби ибтидоӣ ва миёнаро хонда, соли 1967 онро хатм намудам.

Ман дар мактаб хонандаи на он қадар хуб будам ва инро бисёр дӯстони ҳаммактабам гуфта метавонистанд. Ман бо ҳар илоҷ аз вазъияти душвор гузашта метавонистам, вале бо вуҷуди он дар назари директор хуб набудам, гарчанде ки бад ҳам ҳисоб намешудам. Дар ҳаёти ман мушкилиҳо зиёд буданд, инчунин онҳо ҳар дам аз нав пайдо мешуданд. Чӣ гуна мушкилиҳо? Дар оилаи иборат аз 11 нафар фарзанд зистан чандон осон нест. Гарчанде мо зиндагии камбағалона ба сар намебурдем, лекин ба падару модари ман осон набуд, ва мо фарзандон, он чиро, аз сари онҳо мегузашт, фаҳмида қадр карда наметавонистем. Лекин мо нисбати падару модари худ эҳтиром ва муҳаббат доштем – инро модарамон дар мо бо муваффақият парварида буд. Сухани ӯ қонун буд. Дар бораи падарам бошад ҳамеша ба ман он ҳақиқат таассурот мегузошт, ки ӯ моро ҳеҷ гоҳ тарк намекард. Ба ман оилаҳои дӯстони наздикам маълум аст, ки танҳо бо сабаби мунтазам аз оила  дур шудани падар вайрон шуда буданд. Падари мо ҳамеша бо мо буд ва ҳоло ҳам моро танҳо намегузорад. Вале новобаста ба он ки падарамон ҳамеша бо мо буд, ӯ оиди мушкилиҳо ва гардиши ҳаёти ҳақиқӣ кам сӯҳбат мекард.

Бо вуҷуди он мушкилиҳое вуҷуд доштанд, ки ба онҳо ҷавоб додан мумкин набуд. Масалан, дастаҳои авбошони кӯчагард. Айёми наврасӣ ва ҷавонии ман дар аввалҳои солҳои шастум дар ҷануби шаҳри Чикаго гузаштааст. Дар он ҷо занозанӣ, кордкашӣ ва куштор меафзуд. Моро лозим меомад, ки дар чунин муҳит зиндагӣ кунем. Ва ман зинда мондам! Ман кӯшиш мекардам, то ба ҳадди имкон аз ҳамаи

ин даҳшат дар канор бошам ва ин асосан ба ман муяссар мешуд. Ман худам иштирокчии ин дастаҳо набудам, аммо бисёре аз аъзоёни онро мешинохтам. Маро барои он ҳурмат мекарданд, ки ман ҳангоми зарурат худро ҳимоя карда метавонистам ва ҳеҷ гоҳ сабабгори ҷангу ҷидол намешудам. Ва ҳангоме ки имконияти тарк намудани ин ҷо пайдо шуд, ман онро истифода бурдам. Дар 18 солагӣ ман ба хизмати флот дохил шудам.

Дар вақти ин хизмат ман маҷбур будам, ки ҳар рӯзи якшанбе дар ҷамоати бовардорон иштирок намоям. Ҳамин тавр, ман дар ҷамоат иштирок мекардам, лекин ҳангоме ки хониши суруд чандон баланд намешуд, бемалол нимхоб мерафтам. Баъд аз лагери ҳарбӣ ман ба соҳили ғарбӣ барои дар мактаб таҳсил гирифтан рафтам. Вазифаи механики киштиро бо дараҷаи “А” гирифта, ба киштии аввалини худ дохил шудам. Ин киштӣ барои таъмини лавозимоти ҳарбӣ таъин шуда буд ва мо дар он қариб ҳар ҳафта, ҳатто ҳангоми шиноварӣ, сӯхтор хомӯш мекардем. Вақте ки ин киштиро аз истифода хориҷ намуданд, маро ба киштии дигар гузаронданд.

Маро ба киштие фиристоданд, ки дар қайди Япония буд. Дар он ҷо ман бо духтари японӣ, ки як сол аз ман ҷавонтар буд, шинос шудам ва бо ӯ зиндагӣ кардам. Он вақт ман нуздаҳсола будам. Мо ба ҳамдигар хеле наздик будем. Дар ӯ ман каси дӯстдоштаамро ёфтам ва ӯ низ ҳамчунин.

Аз ҳамин сабаб фаҳмидан душвор аст, ки барои чӣ соли 1972 маро барои марги ӯ гуноҳкор шумурда, ба муддати 7 сол маҳбус карданд. Ман ҳақиқатан ҳам гунаҳкор будам ва аз ин сабаб ҷинояткор будани худро эътироф намудам.

Чӣ боиси ин ҳодиса шуд? Сабаби он истеъмоли маводи нашъаовар буд. Сонитар дар танҳоӣ, оиди ҳолати пеш аз ин воқеа доштаи худ мулоҳиза кардам. Бояд гуфт, ки ин ҳолати ҳақиқии ман буд, ки намудор гашт. Ин моҳияти аслии ман буд. Дар муддати 21 сол ман ноумедӣ, тарс, бадбинӣ ва ғазабро дар даруни худ пинҳон мекардам. Ҳамаи ин ҳиссиётро дар ниқоби хушахлоқӣ пинҳон карда, ман тайёр

набудам ба дигарон иқрор шавам, ки дар асл чунин нестам. Ман аз аввал гумроҳшуда буда, ба ҳеҷ кас муроҷиат накарда будам, ки ба ман роҳи дурустро нишон диҳад. Бар замми ҳамаи ин, ман ғуломи гуноҳ будам. Ҳокими ман гуноҳ буд ва иблис, ҳокими ин ҷаҳон, маро дар занҷирҳои худ нигоҳ медошт. Ман зери ҳуштаки ӯ рақс мекардаму дар ин бора ҳатто намедонистам. То чӣ дараҷа ман кӯр будам? Ман табиатан бетолеъ ва ба ягон кори хайр ношоям будам.

Ман сабабгори марги ягона каси дӯстдоштаам шуда, муҳаббати худро бо дастони худ нобуд кардам. Сипас ман ноумедии худро пурра ҳис намуда фаҳмидам, ки ба падару аҳли оилаам шармандагӣ овардам (модарам як сол пеш вафот карда буд) ва солҳои тӯлониро ҳамчун бадарға бояд дар ҳабсхонаи хориҷӣ гузаронам. Дар ҳабсхона нишаста фикру андеша мекардам, ки ин чӣ тавр шуду ҳамаи ин бо чӣ анҷом меёбад? Ман кӯшиш намудам, ки худкушӣ кунам, вале ин ба ман муяссар нашуд. Ҳоло ман аз Худо миннатдорам, ки ин ба амал наомад.

Назди ман барои дидорбинӣ як бовардор омад. Вай ба япониҳо барои ёфтани Худои ягона ёрӣ медод. Ӯ ба ҳабсхонае ки ман дар он ҷо маҳбус будам, омада ба ман дар бораи Исо ном шахсе ки инсони оддӣ набуд, нақл кард. Вай гуфт, ки Исо барои наҷот додани гуноҳкорон омада, барои онҳо ҷони Худро қурбон кардааст. Ман ҳамеша муқобили Китоби Муқаддас, Худо ва ин Шахс – Исо будам ва масеҳиятро “дини одамони сафедпӯст” ҳисоб мекардам. Ман гумон доштам, ки бо Китоби Муқаддас шиносам, аммо ҳеҷ гоҳ онро нахонда будам. Вале Худо ба воситаи ин бовардор дар бораи меҳру муҳаббати Худ, ки танҳо Ӯ дорад, хабар дод. Ин хушхабар дар бораи Писари Ягонаи Ӯ – Исои Масеҳ буд, ки ба ҷои ҳамаи мо ва шахсан барои ман мурда буд. Ман наметавонистам ба ин бовар кунам. Вале боре ман ба ин бовар кардам. Боре ман ба Исо бовар карда, ҳаётамро ба Ӯ супоридам ва бахшоиши Ӯро қабул намудам. Ман ба таври оддӣ гуноҳҳоямро назди Худо эътироф карда, ба Исои Масеҳ, ки барои гуноҳҳои ман мурда буд, миннатдорӣ намудам. Ва ҳоло Худо маро бахшидааст.

Курси мазкур “Инсон барои ғолибият ба дунё меояд” барои ёрӣ ба одамони мисли ман, ба онҳое ки оиди дӯзах тасаввурот дошта, ба он ҷо афтиданро даҳшат медонанд, муқаррар шудааст. Агар шумо дар он ҷое ки ман будам, ё ҳолати аз ин ҳам бадтар қарор дошта бошед, пас ин курсро бо дили кушоду ақли расо хонед. Ба воситаи ин курс Худоро дар Китоби Муқаддаси Ӯ ҷустуҷӯ намоед, то Ӯро пайдо кунед. Дуои самимии ман ба он равона шудааст, ки шумо низ чун ман ва ҳазорон одамони дигар дар Худованди мо Исои Масеҳ озодии ҳақиқӣ ва ҳаёти ҷовидон ёбед.

Стив Томпсон

*Муддати дар ҳабсхонаи Япония буданаш Стив Томпсон бештар аз дувоздаҳ курси пешниҳод кардаи мактаби ғоибонаи “Аммоус”-ро гузашт, ки барои рӯҳан инкишоф ва устувор гардидани ӯ мадад расонидаанд.*

# Пешгуфтор

Мо хурсандем, ки шумо ба омӯзиши Китоби Муқаддас шавқ доред. Курсҳои ғоибонаи мо шуморо бо Китоби Муқаддас шинос намуда, ба бисёр ҳақиқатҳои бузурги он (наҷот, рӯҳан инкишоф ёфтани бовардорон, таълимот ва дигар мавзӯъҳои он) роҳнамоӣ мекунанд. Аз рӯи ин курс ҷадвали дарсии худро тартиб дода, бо хоҳиши худ барои омӯзиши он вақтро тақсим намоед.

Ин курс барои ёрӣ муқаррар шудааст, то шумо ба воситаи муносибатҳои наҷотбахш бо Исои Масеҳ барои ҷалоли Худованд ҳаёти навро сар карда тавонед. Моро зарур нест, ки табиатан худамонро бетолеъ ҳис кунем. Мо барои ғолиб шудан зода шудаем. Мо бояд аз чӣ сар кунем? Касе инро чунин шарҳ додааст: “Аз роҳи торики гуноҳ назди Худо роҳи бозгашт вуҷуд дорад. Дари кушодае мавҷуд аст, ки шумо бо он даромада метавонед. Агар назди Худованди мехкӯбшуда ҳамчун гуноҳкор биёед, ҳаёти навро сар карда метавонед”.

## Омӯзишро чӣ тавр бояд сар кард?

1. Аз Худо хоҳиш намоед, ки барои фаҳмидани Китоби Муқаддас ба шумо ёрӣ диҳад (Забур 118:18).

2. Дарсро ақаллан ду бор бо диққат хонда бароед. Бори аввал барои тасаввуроти умумӣ пайдо кардан ва сипас, саросема нашуда боз як бори дигар хонед.

3. Ҳамаи ишораҳоро (мисол: Юҳанно 3:16) дар Китоби Муқаддас дида бароед. Дар саҳифаи аввали Китоби Муқаддас шумо мундариҷаро мебинед. Масалан, барои ёфтани Юҳанно 3:16, шумо дар мундариҷа саҳифаи саршавии китоби Юҳанноро мебинед. Юҳанно 3:16,

чунин маъно дорад: 3 – боби китоб ва 16 – ояти ҳамон боб аст.

4. Ба саволҳои “дафтари саволҳо” ҷавоб гардонед. Барои ин шумо Китоби Муқаддас ва мавзӯъҳои курси мазкурро истифода бурда метавонед.

Дар дафтари саволҳо барои ҳамаи дувоздаҳ дарс саволҳо мавҷуданд. Мавзӯи дарси якумро кор карда баромада, шумо метавонед ба саволҳои ҳамин дарс ҷавоб гардонед. Бо дигар дарсҳо низ ҳамин тавр. Баъд аз омӯзиши мавзӯи ҳар дарс ба саволҳои он ҷавоб гардонда, шумо мавзӯи омӯхтаатонро хубтар аз худ мекунед.

## Аз тарафи худ

Корҳои имтиҳонии шуморо дастурдиҳандагон тафтиш мекунанд. Агар шумо корҳои имтиҳониро бо мулоҳизаҳои худ диҳед, мо аз шумо миннатдор мешавем. Онҳо ба мо ёрӣ медиҳанд, ки бо шумо беҳтар шинос шуда фаҳмем, ки шумо ба чӣ бештар эҳтиёҷ доред. Агар шумо ҳангоми хондани Китоби Муқаддас дар бораи Худо ё ягон мафҳуми рӯҳонӣ саволҳои махсус пайдо кунед, онҳоро якҷоя бо дафтари саволҳо ба дастурдиҳанда диҳед.

Агар ба савол ҷавоби нодуруст гардонед, пас дастурдиҳанда инро қайд карда, диққати шуморо ба ҷои даркории Китоби Муқаддас ё курси мазкур равона мекунад. Шумо ҷавоби дурустро ҳангоми такрор намудани мавзӯи дарсҳо ёфта метавонед. Ҷавобҳои самимонаи шумо дар дафтари саволҳо, дар қисмати “Шумо дар ин бора чӣ мегӯед?” ба дастурдиҳанда ёрӣ медиҳад, ки шуморо ҳамчун шахсият беҳтар фаҳмад. Ҳамчунин ба ин восита мо мефаҳмем, ки курси мазкур ба ҳаёти шумо то чӣ андоза фоида бахшидааст.

## Ба дӯстони худ бигӯед

Ба маҳбусон бепул фиристодани ин курсҳо моро шод мегардонад. Мо ин курсҳоро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод мекунем. Барои дигар шахсони хоҳишмандро ба барномаи ин курс дохил намудан фамилия, ном ва адреси пурраи онҳоро ба мо фиристед.

Касе дуруст гуфтааст: “Агар амалатон барор нагирифта истода бошад, дастуруламалро хонед”. Китоби Муқаддас на танҳо номаи меҳру муҳаббат, балки ҳамчунин роҳнамои ҳаёт мебошад.

Аксар вақт кӯшишҳои мо барои ба даст овардани муҳаббат, осоиштагӣ, хурсандӣ ва маънии ҳаёт бе муваффақият анҷом меёбанд. Одатан ин аз он сабаб ба амал меояд, ки барои хондани Китоби Муқаддас вақт наёфта, ба гуфтаҳои он риоя намекунем.

Мавзӯи асосии Китоби Муқаддас он аст, ки Худо ба мо муҳаббати Худро аён карда Писари Худро барои гуноҳҳои мо қурбон кардааст ва ба воситаи Ӯ моро наҷот додан мехоҳад. Худо ба ҳамаи онҳое ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунанд, ваъда додааст, ки хурсандӣ, осоиштагӣ ва ҳаётро ба пуррагӣ мебахшад.

***Сухане ки рӯҳбаланд ва пешакӣ огоҳ мекунад***. Шайтон намехоҳад, ки шумо Китоби Муқаддасро хонед ва аз ин сабаб ба шумо муқобилат мекунад. Вай кӯшиш мекунад, ки ақидаи шуморо гардонда, хоҳиши хондани Китоби Худоро нест кунад. Ҳамчунин вай кӯшиш мекунад, ки ба воситаи атрофиён шуморо хандаву масхара кунад. Дар ҳар гуна кор фақат сар карданаш мушкил аст. Омӯзишро имрӯз сар кунед. Мо дар ҳаққи шумо фикр карда, бароятон дуо мекунем.

ДАРСИ ЯКУМ

# Гӯсфанди гумшуда

*(Матто 18:12-14; Луқо 15:1-7)*

Ҳикояи гӯсфанди гумшуда яке аз ривоятҳои дӯстдоштаи бовардорони масеҳӣ мебошад. Дар он оид ба чӯпоне ки рамаи иборат аз сад гӯсфандон дошт, нақл карда мешавад. Боре яке аз гӯсфандон аз рама берун шуда, роҳгум зад. Чӯпон бояд чӣ кор мекард? Оё ӯ метавонист қаноатманд монад, ки наваду нӯҳ гӯсфанди дигараш боқӣ мондааст? Не, ӯ ин наваду нӯҳторо гузошта, гӯсфанди гумшударо то лаҳзаи дарёфтанаш пурсаброна ҷустуҷӯ кард. Баъд онро бар китфони худ гузошта, шодикунон бо хурсандӣ баргашт. чӯпон ба хона омада дӯстони худро ҷеғ зада гуфт: “Бо ман шодӣ кунед, зеро ман гӯсфанди гумшудаи худро ёфтам”.

Вақте ки Исо масали Худро нақл мекард, ду хел одамонро дар назар дошт. Навъи аввал боҷгирон ва гуноҳкорон – шахсоне ки рӯ ба ҳалокат будани худро эътироф мекарданд; ва навъи дуюм фарисиёну муаллимони шариат буданд, ки худро ҳеҷ гоҳ ба қатори гуноҳкорон дохил намекарданд. Гӯсфанди гумшудаву роҳгумзада боҷгирон ва гуноҳкоронро тасвир мекунад. Наваду нӯҳ гӯсфанди дигар бошад фарисиён ва муаллимони шариатро таҷассум менамояд. Исо ин ҳикояро барои он истифода бурд, то ба шунавандагони Худ нишон диҳад, ки дар осмон назар ба наваду нӯҳ одиле ки ба тавба кардан эҳтиёҷ надоранд, барои як гуноҳкори тавба кардаистода шодӣ зиёдтар аст.

Мо метавонем ин ҳикоятро ба худ нисбат диҳем. Мо монанди он гӯсфанди гумшуда беақлу бефикр ҳастем. Вай

аз рама ҷудо шуда, роҳи бозгаштро намедонист ва дар ҳолати танҳоиву хавфнок қарор дошт. Ишаъёи Набӣ комилан дуруст гуфтааст: “Ҳамаи мо мисли гӯсфандон гумроҳ будем: ҳар яке бар роҳи худ мерафтем” (Ишаъё 53: 6). Петруси фириста низ ба мо ёдрас мекунад, ки мо монанди гӯсфандони гумшуда ҳастем (1Петрус 2:25). чӯпон, бешубҳа, Исо мебошад. Ӯ чӯпони Нек (Юҳанно 10:11), чӯпони Бузург (Ибриён 13:20) ва Сарвари чӯпонон (1Петрус 5:4) мебошад. Биёед Исоро бо чӯпоне, ки гӯсфанди гумшударо ҷустуҷӯ мекард, муқоиса менамоем.

# Муҳаббат гапи холӣ нест

Пеш аз ҳама, Исо ба мо меҳру муҳаббат дошт. Ӯ моро пеш аз офариниши дунё, пеш аз он ки мо ӯро шинохтем, дӯст медошт. Мисли Ӯ моро ҳеҷ кас дӯст намедорад.

Ин муҳаббат Исоро водор намуд, ки макони осмонии Худро тарк намояд. Ӯ барои ба замин омадан зарурате надошт. Ӯ бо Худо – Падар дар хурсандии комил зиндагӣ мекард. Исо дар осмон ягон ғаму андӯҳ надошт, ягон чиз ба осоиштагии Ӯ халал намерасонд. Вале Ӯ осмони Худро тарк намуд, зеро медонист, ки дар замин монанди мо гӯсфандони роҳгумзада мавҷуданд.

Муҳаббат Ӯро водор намуд, ки ба ин гирдоби гуноҳ фарояд. Мо тасаввур карда наметавонем, ки Худо-Писар ҳангоми ба ин замин омада, дар оғил зода шуданаш то кадом дараҷа аз қадри Худ гузашт кард. Ақли мо он чизеро, ки Худои Бузургу Пок ҳангоми дар ин ҷаҳони пургуноҳ ва нопок зиндагӣ карданаш ҳис мекард, тасаввур карда наметавонад. Он Касе, ки беҳад бой буд, аз ҳама чӣ маҳрум шуда, то ба ин дараҷа мискину бечора шуд.

Баъд, мисли чӯпони ин ҳикоя, Ӯ барои ёфтани гӯсфандони гумшуда роҳсипор шуд. Исо якчанд бор гуфта буд: “Зеро ки Писари Одам барои наҷот додани гумроҳшудагон омадааст” (Матто 18:11). Одамон Ӯро рад

карданд, вале Ӯ ҷустуҷӯ карданро давом медод. Пешвоёни дин Ӯро таъқиб намуда меронданд, вале Ӯ ҷустуҷӯро давом медод. Ҳатто дӯстонаш Ӯро тарк карданд, вале Ӯ ҷустуҷӯро давом дода, меҳнаташро қатъ намекард. Ҳамаи ин душвориҳо Исоро бознадоштанд. Ӯ ба ақиб нагашт. Ӯ аз вазифаи Худ, аз ёфтани гӯсфанди гумшуда даст накашид.
Чуноне ки Худи Исо мегӯяд, муҳаббати чӯпон Ӯро водор намуд, ки ҳаёташро барои гӯсфандон фидо кунад: “Ман чӯпони некам. чӯпони нек ҷони Худро барои гӯсфандон фидо мекунад” (Юҳанно 10: 11). Ин ҳақиқати аҷоиб аст. Одатан гӯсфандон барои чӯпон мемуранд – яъне вай онҳоро барои дарёфтани пул ба қассоб мефурӯшад. Вале чӯпони Нек барои гӯсфандон мурда буд. Дар чӯб мехкӯб шуда Исои Масеҳ моро аз ҷазои сазовор озод кард. Ӯ бо арзиши Ҷони Худ моро бозхарид намуда, наҷот дод. Исои Масеҳ ҳаёти Худро барои назди Худо овардани мо фидо намуд. Он ҳолатеро, ки Исои Масеҳ барои дарёфтани гӯсфанди гумшуда аз сар гузаронд, ҳеҷ каси мо ҳеҷ гоҳ дарк карда наметавонад.

## Чӣ тавр бахшида шудан мумкин аст?

Ва акнун чӯпон хушхабарро ба тамоми ҷаҳон эълон мекунад. Агар айбдор, гуноҳкори гумроҳшуда барои гуноҳҳояш тавба карда, Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованди худ қабул намояд, наҷот меёбад ва гуноҳҳояш бахшида мешаванд. Ҳуқуқи ба ҳаёти ҷовидонӣ даромадан ба вай ҳамчун тӯҳфа дода мешавад (Румиён 6:23). Вақте ки мо сӯи Наҷотдиҳанда фарёд карда: “Худовандо, маро наҷот деҳ!” гӯем, Ӯ моро меёбад.

Мо дида баромадем, ки чӯпон гӯсфанди гумшударо ба китфони Худ мегирад. Дар Китоби Муқаддас “китф” қувва ва тавоноиро ифода мекунад. Пеши назари мо чӣ гуна манзараи зебо кушода мешавад! Он ёдрас мекунад, ки Чӯпони мо на танҳо метавонад моро наҷот диҳад, балки

ҳамчунин моро муҳофизат карда метавонад. Наҷотдиҳанда чунин гуфта буд: “Гӯсфандони Ман ба овози Ман гӯш медиҳанд ва Ман онҳоро мешиносам ва онҳо Маро пайравӣ мекунанд. Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидон мебахшам ва онҳо то абад нобуд нахоҳанд шуд ва ҳеҷ кас онҳоро аз дасти Ман кашида гирифта наметавонад. Падаре ки онҳоро ба Ман дод, аз ҳама бузургтар аст ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Падари Ман кашида гирад” (Юҳанно 10: 27-29).
То он даме ки чӯпон гӯсфанди гумшударо сиҳату саломат ба хона барнагардонад, дар роҳ намеистад. Ҳамчунин чӯпони мо низ, то даме ки гӯсфандони Худро пурра ва саломат ба хонаи осмонии Худ бурда нарасонад, дар роҳ намеистад. Ҳангоме ки гӯсфанди дӯстдоштаи Ӯ сиҳату саломат ба он кишвари аҷоиб расид, дили Ӯ пур аз шодӣ мешавад.

Хеле пеш аз замони мо Ҳазрати Довуд ба Чӯпони Нек суруд эҷод карда гуфта буд:

“Парвардигор чӯпони ман аст. Ман ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ намешавам. Ӯ маро дар чарогоҳҳои сералаф мечаронад ва назди обҳои зулол мебарад. Ҷонамро қувват мебахшад. Ба хотири номи Худ маро ба роҳҳои адолат равона мекунад. Агар аз водии марг гузарам ҳам, аз бадӣ наметарсам, чунки Ту бо ман ҳастӣ; чӯбдаст ва қудрати Ту маро оромӣ мебахшанд. Ту пеши назари душманонам барои ман дастархон андохтаӣ, маро бо меҳру муҳаббат қабул кардаӣ ва косаи хурсандии ман лабрез аст. Некӣ ва меҳрубонии Ту тамоми умрам бо ман ҳастанд ва ман ҳамеша дар хонаи Парвардигор бо Ӯ мешавам”.

Дар ин тарона маънои зерин ифода ёфтааст:

1. Сирри ҳаёти нек: “Парвардигор чӯпони ман аст”. Одамони бисёре мавҷуданд, ки “Парвардигор чӯпон аст”, мегӯянд, аммо ин кифоя нест. Мо бояд аз самими дил гуфта тавонем, ки: “Парвардигор чӯпони ***ман*** аст”.

2. Сирри марги нек: “Агар аз водии марг гузарам ҳам, аз бадӣ наметарсам, чунки Ту бо ман ҳастӣ”. Агар одам барои гуноҳҳояш тавба накунад ва бахшида нашавад, мурдан барояш даҳшат аст. Вале бовардор наметарсад, ки рӯзе назди Худо меравад, чунки аз гуноҳҳояш зррае ҳам намондааст ва Исои Масеҳ ӯро роҳнамоӣ карда аз водии марг безарар мегузаронад.

3. Сирри охирати нек: “Некӣ ва меҳрубонии Ту тамоми умрам бо ман ҳастанд ва ман то абад дар хонаи Парвардигор бо Ӯ мешавам”. Фарзандони Худо дар бобати охират, ки барояшон дар осмон тайёр карда шудааст, дилпур ва хотирҷамъ мебошанд. Он чи чӯпон ваъда додааст, иҷро мешавад, чунки Ӯ дар ваъдаи Худ вафодор аст.

ДАРСИ ДУЮМ

# Сомарии раҳмдил

*(Луқо 10: 30-37)*

Роҳ байни Уршалим ва Ериҳӯ хатарнок буд, зеро дар роҳ бисёр гурӯҳҳои роҳзанон буданд. Дар тӯли роҳ фақат якчанд хонаҳо дучор меомаданд. Фақат баъзе вақт бо он дастаи посбонон ё сарбозони силоҳдор ҳаракат мекарданд. Ин роҳ ягона роҳи алоқаи мувофиқ байни ин ду шаҳр буд ва мусофирон илоҷи дигар надошта, ба хатар ҷуръат мекарданд.

Боре бо ин роҳ шахси яҳудӣ мегузашт ва баногоҳ аз буттазори назди роҳ гурӯҳи роҳзанон ба ӯ ҳуҷум карданд. Онҳо ӯро маҷрӯҳ карда, либосҳояшро кашида гирифтанд, зеро чизи дигаре надошт. Пас ӯро маҷрӯҳу хуншор дар роҳ партофта рафтанд.

Баъд аз чанд вақт бо ин роҳ хизматгори Хонаи Худо мегузашт ва яке аз аъзоёни ҷамоаташонро дар чангу хок маҷрӯҳ хобида дид. Дар вазъияти муқаррарӣ ӯ ба ҷабрдида ёрӣ дода метавонист, вале ҳоло ҳаёти худи вай дар хатар буд. Роҳзанҳо ҳар лаҳза пайдо шуда метавонистанд, бинобар ин ӯ саросемавор қадам зада гузашта рафт.

Пас аз чанде бо ин роҳ марде аз сибти Левӣ мегузашт. Вай ҳам яҳудӣ буд. Левизодагон ёрдамчиёни хизматгорони Хонаи Худо буданд. Ӯ шахси ғоратшударо дид, ки ба ёрии таъҷилӣ мӯҳтоҷ аст, вале фикр кард, ки ин фиреб аст. "Кӣ медонад, агар истам, чунин шавад, ки роҳзанон ба ман

ҳуҷум кунанд”, – фикр кард ӯ ва саросемавор қадам зада гузашт.

Ниҳоят бо ин роҳ як шахси сомарӣ харсавор мегузашт. Сомариҳо аз авлоди ибриҳое буданд, ки бо дигар халқҳо омехта шуда буданд. Яҳудиён нисбати сомариҳо ақидаи бад доштанд ва ба онҳо бо нафрат муносибат мекарданд. Одатан яҳудиён бо сомариҳо муоширати намекарданд. Лекин ҳангоме ки сомарӣ яҳудиро дар ҳолати вазнин дид, дарҳол ба ёрӣ шитофт. Ӯ ба кинаву адовати миллӣ ва хавфу хатари атроф нигоҳ накарда ҷароҳатҳои вайро шуста баст. Сипас ин шахсро ба хари худ савор намуда, ба меҳмонхонаи назди роҳ овард ва тамоми шаб ба ӯ нигоҳубин кард.

Сомарӣ бояд пагоҳӣ ба роҳаш сафар мекард. Ӯ ба соҳиби меҳмонхона пул дода, таъкид намуд, ки ба ин шахс то сиҳат шуда хестанаш ғамхорӣ намояд. Ва агар ин пул камӣ кунад, ваъда дод, ки ҳангоми бозгашт боз пул медиҳад.

Гарчанде ки муносибатҳо байни ин ду халқ хуб набуданд, шахси сомарӣ ба ин яҳудӣ кори хайру нек кард.

## Тасаввуроти васеъ

Ҳангоме ки Исо чунин ҳикояҳоро нақл мекард, ҳамеша як дарси муайян медод. Дар ин ҳолат Ӯ шариатдонро панд дода гуфт, ки инсон бояд Худоро бо тамоми дил ва шахси наздики худро монанди худ дӯст дорад. Шариатдон чунин ақидаро қабул кардан намехост, зеро он ба хости дили вай набуд. Бинобар ин вай баҳс намуда ба Исо савол дод: “Пас кист шахси наздики ман?” Исо ба ӯ ҷавоб дода, ҳикояи сомарии раҳмдилро нақл намуд. Ҷавоби ин савол оддӣ аст: шахси наздики мо ҳар гуна шахс, новобаста ба нажод, мазҳаб ва ранги пӯст аст, ки ба ёрии мо мӯҳтоҷ аст. Ин мазмуни асосии ҳикоя аст.

Ин ҳикоя хайри Худованд Исои Масеҳро тасвир мекунад. Биёед ба қафо баргашта мебинем, ки чӣ гуна ин ҳикоя Инҷил, яъне хушхабарро ёдрас мекунад.

Пеш аз ҳама шахсе ки дар ин ҳикоя тасвир шудааст, аз Уршалим ба Ериҳӯ ба сафар баромад. Маънои аслии калимаи Уршалим – "Шаҳри сулҳ" аст. Ериҳӯ назди дарёи Урдун ҷойгир шудааст, ки сӯи ҷануб ҷорӣ шуда, оби худро ба баҳри Мурда мерезад. Ҳамин тариқ, ин одам аз шаҳри сулҳ ба ҷои марг мерафт. Ин суханони дар китоби Масалҳо 14:12 бударо ба ёдамон меоварад: "Роҳе ҳаст, ки ба назари кас рост менамояд, вале оқибаташ марг аст".

Дар ин роҳ ӯ ба дасти роҳзанон афтид. Ҳангоме ки мо аз Худо рӯ мегардонем, бо мо низ айнан ҳамин тавр мешавад ва мо рӯҳан афтода ба ҳолати бад дучор мешавем. Дар Китоби Муқаддас чунин гуфта шудааст: "...вале роҳи бадкорон сахт аст" (Масалҳо 13:15). Гуноҳ оқибатҳое меоварад, ки аз он халосӣ нест.

Гурӯҳи роҳзанон он шахси бечорaро ғорат карданд. Гуноҳ низ ҳамин тариқ амал мекунад. Гуноҳ одамонро аз покӣ, шодии ҳақиқӣ, озодӣ ва ҳамаи он чи барои он дар рӯи замин зистан меарзад, маҳрум мекунад.

Роҳзанон ҳамчунин ӯро маҷрӯҳ карда, ниммурда дар роҳ партофтанд. Ин тасвири ҳақиқии дарди ҷонкоҳи дил, азоб, ҳисси айби худ ва захму пушаймониҳоест, ки гуноҳ ба ҳаёти инсон меоварад. Ва рӯзи ҷазо ногузир аст, зеро "ҷазои гуноҳ марг аст" (Румиён 6:23).

## Ба одам умед бастан нашояд

Хизматгори Хонаи Худо ва шахси аз қабилаи Левӣ аз пеши он ҷабрдида гузашта рафтанд. Онҳо ҳатто барои ёрӣ додан фурсат наҷустанд. Аз ин ҳодиса мо метавонем якчанд хулоса барорем. Якум, гуноҳгор барои ёрӣ ба одамон таваккал карда наметавонад, зеро "мадади одамизод ҳеҷ аст" (Забур 59:13). Дуюм, ҳатто пешвоёни дин – рӯҳониён,

роҳбарон ё муаллимони шариат ҷони инсонро наҷот дода наметавонанд. Фақат Худованд метавонад ин корро кунад. Сеюм, хизматгори Хонаи Худо ва шахси аз қабилаи Левӣ намояндаи шариат буданд, зеро Шариати Мусо онҳоро намоянда муқаррар карда буд. Дар ин ҳолат мазмуни дарси Исо он аст, ки Шариат, ё "даҳ фармудаи Худо" одамро наҷот дода наметавонанд. Худо ба одамон даҳ фармуда додааст. Ин даҳ фармуда воситаи наҷот нестанд. Онҳо ба одамон гуноҳкор будани онҳоро нишон медиҳанд. Шариат чун оина аст. Вай ба одам чирки рӯяшро нишон медиҳад, лекин ин чиркро тоза намекунад.

Байни сомарии раҳмдил ва Худованд Исои Масеҳ якчанд хусусиятҳои умумӣ мушоҳида мешаванд. Вале дар аввал бояд зикр намуд, ки Исо аз рӯи асл яҳудӣ буд. Бо вуҷуди ин яҳудиён Исоро инкор карда ба Ӯ нафрат доштанд, гӯё ки Ӯ сомарӣ бошад. Боре онҳо Исоро сомарӣ ҳам номида буданд (Юҳанно 8:48), ки як навъ таҳқири нажодӣ ҳисоб мешуд.

Ҳангоме ки мо дар ҳолати бениҳоят бад будем, Исо чун сомарии раҳмдил назди мо барои мадад омад. Ӯ аз осмон ба ин гирдоби гуноҳ омад, то гумшудагонро ёфта наҷот диҳад.

Исо чун он сомарӣ меҳрубонӣ ва накӯкории аҷоиб нишон дод. Ба яҳудии мӯҳтоҷ ёрӣ расонидани сомарии нафратшуда ҳамчун як меҳрубонии калон буд. Вале ҳангоме ки Худованди олам азият кашида, барои ин ҷаҳони пургуноҳ хуни Худро рехта мурд, меҳру муҳаббати боз ҳам бештар нишон дод. Фириста Павлус аз меҳру муҳаббати аҷиби Худованд ба ҳайрат омада, гуфта буд: "Зеро шумо файзи Худованди мо Исои Масеҳро медонед, ки Ӯ сарватдор буда, барои шумо бечора гашт, то ки шумо ба воситаи бечорагии Ӯ сарватдор шавед" (2Қӯринтиён 8:9). Исо барои он бечора гашт, ки ба мо сарвати рӯҳӣ бахшад.

# Одаме ки аз пешаш гузашта нарафт

Гарчанде ҳаёташ дар хатар буд, сомарии раҳмдил истод, то ба ҷабрдидаи ғорат ёрӣ диҳад. Исо на танҳо ҳаёти Худро зери хафву хатар гузошт, балки онро барои мо фидо кард. "Писари Худо маро дӯст дошт ва ҷони Худро барои ман фидо кард" (Ғалотиён 2:20).

Сомарии раҳмдил захмҳои ҷабрдидаи дар роҳ партофташударо шуста баст. Худованд аз ин ҳам беҳтар рафтор мекунад. Ӯ дилшикастагонро шифо дода, кӯронро бино мекунад (Луқо 4:18). Равғане ки сомарӣ ба ҷароҳатҳои он ҷабрдида рехт, рамзи Рӯҳи Пок аст, ки Худо ба ҳама наҷотёфтагон ато мекунад. Шароб шодии бовардоронро тасвир мекунад. Наҷотдиҳанда ба ҳаёти одамоне ки гуноҳ онҳоро захмин карда ҷавр кард, шифо дода хурсандӣ мебахшад.

Сомарии раҳмдил ёри нави худро дар роҳи чанголуд напартофт, балки вайро ба меҳмонхона овард. Ҳамчунин Худованд низ дарёфтагонашро барои робитаи наздик пеши дигар бовардорон, ба ҷамоати онҳо меоварад. Агар мо худ ба худ мемондем, хатари ба доми гуноҳ афтодан ба мо доимо таҳдид мекард. Лекин дар робита бо дигар бовардорон мо рӯҳан мустаҳкам гардида, дар ҳаёти пок устуворона қадам мезанем.

Сомарии раҳмдил, пеш аз он ки аз меҳмонхона равад, барои мӯҳтоҷиҳои дӯсти нави худ то дами баргаштанаш ғамхорӣ намуд. Исо низ ҳамин тавр амал намуд. Ӯ ба мо Рӯҳи Пок бахшида, Сухани Худ – Китоби Муқаддасро боқӣ гузошт. Исои Масеҳ ба мо ҷамоати бовардоронро бо таълимот, робита ва ҷамъомадҳои парастиши он тӯҳфа кард. Ӯ ба мо барои ҳар рӯз қувва бахшида, ваъда дода буд, ки баргашта моро бо Худ мебарад, то мо ҷовидона дар Подшоҳии Осмон бо Ӯ бошем.

Ҳамин тариқ, ҳикояи сомарии раҳмдил ба мо амали Наҷотдиҳанда Исои Масеҳро муфассал тасвир мекунад. Ин ҳикоя се қоидаеро тасвир мекунад, ки дар ҷаҳони имрӯзаи мо паҳн гардидааст:

- ✓ Якум: “чизи ту – аз они ман аст ва ман онро соҳиб мешавам”. Ин қоидаи роҳзанону ғоратгарон аст.

- ✓ Дуюм: “он чӣ аз ман аст – аз они ман аст ва ман онро ба ҳеҷ кас доданӣ нестам”  Ин қоидаи хизматгори Хонаи Худо ва шахс аз сибти Левӣ.

- ✓ Сеюм: “аз они ман – аз они шумост ва ман мехоҳам онро бо шумо тақсим кунам”. Ин қонуни сомарии раҳмдил аст.

ДАРСИ СЕЮМ

# Фарисӣ ва боҷгир

*(Луқо 18:9-14)*

Пеш аз ҳама биёед барои худ маънои калимаҳои фарисӣ ва боҷгирро муайян намоем. Фарисӣ аъзои равияи диние буд, ки Шариати Худоро қатъӣ ва бе чуну чаро риоя намуда, бо ин фахр мекард. Фарисиён ба баъзе масъалаҳои камаҳамият диққати махсус дода, ба ӯҳдадориҳои бузург аҳамият намедоданд. Ва бо сабаби он ки амалашон бо гуфторашон мувофиқат намекард, онҳо ҳамчун рӯҳониёни дурӯя ва беҳудагӯй  машҳур шуданд.

Боҷгир шахсе буд, ки барои ҳукумати Рум хироҷ ҷамъ мекард. Чӣ тавре ки дар Инҷил ёдрас шудааст, боҷгирон аз қатори яҳудиён буданд. Халқ ба онҳо чун ба хоинон нафрат дошт, зеро онҳо ба фоидаи румиёни истилогар кор мекарданд. Ҳамчунин мегуфтанд, ки онҳо халқро ғорат мекунанд. Бинобар ин онҳо дар ҳаёти динии халқ ҳеҷ иштирок надоштанд, зеро ки аз он хориҷ шуда буданд.

Ҳар тавре ки бошад, фарисӣ ва боҷгир барои дуо кардан ба Хонаи Худо равона шуданд. Шо яд фарисӣ дар ҷои намоён истода дуо мекард, то ки дигарон низ ӯро шунаванд.

Ӯ тахминан чунин мегуфт: “Худоё, ман Туро шукр мегӯям, ки мисли дигар одамон, ё монанди ин боҷгири паст нестам. Ман моли мардумро намехӯрам ва барои душманон кор намекунам. Ман ҳафтае ду маротиба рӯза дошта, даҳяки даромади худро медиҳам”.

Боҷгир бошад дар як кунҷ ҷо гирифта буд, то ки ҳеҷ кас ӯро набинад. Вай паст будани худро то ба он дараҷа дарк намуда буд, ки ҳатто нигоҳашро сӯи осмон намебардошт. Ӯ ба синаи худ зада, бо зорӣ ба Худо муроҷиат карда мегуфт: “Худоё, ба мани гуноҳкор раҳм кун”.

Исо ин воқеаро маънидод карда гуфта буд, ки боҷгир дар пеши Худо мавқеи дурустро ишғол кард, барои он ки худро паст гирифт. Фарисӣ бошад худро дар пеши Худо баланд шумурд. Вай чуноне ки буд, ҳамон гуна ба хонаи худ рафт.

Биёед ба ин ду шахс ва ба дуои онҳо нигариста бинем, ки ба кадоми онҳо монанд ҳастем.

## Ду намуди гуфтугӯ бо Худо

Фарисӣ дар дуояш фақат дар бораи худ гап мезад. Калимаи “ман” дар сухани вай ҷои намоёнро ишғол мекунад. Вай таърифкунон сифатҳои рӯҳии худро баён мекард. Вай ҳар ҳафта ду бор рӯза медошт, ҳол он ки аз рӯи Шариат соле як бор талаб карда мешуд (Ибодат 16:29; 23:27,29; Ададҳо 29:7). Вай даҳяки даромади худро ба Хонаи Худо медод, вале Шариат танҳо даҳяки чорво, равғани зайтун, май ва тухмиҳоро талаб мекард (Такрори Шариат 14:22,23).

Дуои боҷгир бо хоксорӣ фарқ мекард. Вай дар дурӣ меистод, гӯё ки ба наздик шудан намеарзида бошад. Боҷгир ба синаи худ зада, пеши Худо ноҳақ ва паст буданашро эътироф мекард.

Фарисӣ худашро бо дигарон муқоиса менамуд: “Ман мисли дигар одамон, ё монанди ин боҷгир нестам”. Вақте ки

мо худамонро бо дигар одамон муқоиса мекунем, ҳамеша одамони аз худамон бадтар ё пасттарро ёфта метавонем.

Боҷгир худро бо Шариати Худо муқоиса карда, айбдор ва ночиз будани худро дарк мекард. Даҳ фармудаи Худо монанди як хати ростанд. Танҳо вақте ки мо ба ин хат истем, каҷукилебӣ ва ноҳамвории худро сарфаҳм меравем. Ба саволҳои зерин ҷавоб дода, мо то чӣ андоза ба талаботи Худо мувофиқ буданамонро мебинем:

| | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Шумо Худоро бо тамоми дилу ҷон, ҳуш ва қувват дӯст медоред? (Марқӯс 12:30). | —— | —— |
| Шумо атрофиёни худро мисли худ дӯст медоред? (Марқӯс 12:31) | —— | —— |
| Шумо падару модари худро чӣ тавре ки лозим аст ҳурмат мекунед? (Хуруҷ 20:12) | —— | —— |
| Шумо ҳаёти пок ба сар мебаред? (Марқӯс 7:21-23) | —— | —— |
| Шумо ягон бор бо чашми шаҳват ба зан нигоҳ кардед? (Матто 5:28) | —— | —— |
| Шумо доимо амали нек ба ҷо меоред? (Яъқуб 4:17) | —— | —— |
| Шумо ягон бор дуздӣ кардаед? (Хуруҷ 20:15) | —— | —— |
| Шумо ягон бор дурӯғ гуфтаед? (Хуруҷ 20:16) | —— | —— |
| Шумо ягон бор касеро куштаед? (Хуруҷ 20:13) | —— | —— |

Шумо номи Худоро беҳуда ба забон гирифтаед? (Хуруҷ 20:7) —— ——

## Роҳи ҳақ ва ноҳақ

Боҷгир ба дигарон нигоҳ намекард. Вай аз рӯи нишондоди Худо ба худ нигариста фаҳмид, ки гунаҳкору айбдор аст.

Фарисӣ пурра ба худ ва кӯшишҳояш таваккал мекард. Боҷгир бошад пурра ба меҳру марҳамати Худо умед мебаст.

Фарисӣ таъриф мекард, ки ҳаёти росткорона ба сар мебарад. Боҷгир бошад сарашро назди Худо хам кард.

Фарисӣ чунон сухан мегуфт, ки гӯё ягона одами пок бошад: “Ман монанди дигарон нестам”. Боҷгир ба Худо чунон муроҷиат намуд, ки гӯё вай ягона шахси гуноҳкор бошад: “Худоё, ба мани гуноҳкор раҳм кун”.

Фарисӣ худро қаноатманд ҳис мекард. Вай ба ҳеҷ касу ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ набуд. Боҷгир фаҳмид, ки ба касе мӯҳтоҷ аст, то ба ҷояш қурбонӣ карда Худоро розӣ намояд. Вай ба ҷонишине мӯҳтоҷ буд. “Худоё, ба ман раҳм кун”, – гуфт ӯ. Дуои боҷгир маънои зеринро низ дар бар мегирифт: “Худовандо, ман медонам, ки гуноҳҳоямро шуста наметавонам, бинобар ин аз Ту илтимос мекунам, ки барои бахшиши гуноҳҳоям қурбоние муҳайё кунӣ”. Мо медонем, ки Худо чунин қурбониро ба ҷо овард. Худо барои гуноҳҳои мо Писари Худро ба марг фиристод (Румиён 6:23). Исои Масеҳ ба ҷои мо мурд. Вақте ки мо Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи Худ қабул менамоем, Худо марҳамати Худро ба мо зоҳир намуда, гуноҳҳоямонро мебахшад, чунки қарзи гуноҳҳои мо дода шудааст.

## Агар шумо напурсед, намегиред

Ҳамин тариқ мо мебинем, ки боҷгир аз Худо марҳамат илтиҷо намуда онро соҳиб гашт. Фарисӣ бошад, баръакс, ҳеҷ чиз напурсид, бинобар ин ҳеҷ чиз нагирифт.

Фарисӣ тавба накарда айбу гуноҳҳояшро бо худ бурд. Боҷгир тавба карда, сафед шуд ва бо ин амал дар назди Худо мавқеи дурустро ишғол намуд. Худо ҳама гуноҳкоронеро, ки назди Ӯ тавба карда, бо боварӣ Худованд Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунанд, сафед мекунад. То он даме ки одам гуноҳкор будани худро эътироф карда, "ман гуноҳкорам" нагӯяд, Худо ӯро намебахшад.

Оқибати ин воқеа низ барои ин ду мард гуногун аст. Фарисӣ худро баланд гирифта, паст шуд. Боҷгир бошад, худро паст гирифта, баланд шуд.

Аз як ҷиҳат ин ду шахс ду дини ҷаҳонро тасвир мекунанд. Мумкин аст ягон кас зид баромада гӯяд, ки дар ҷаҳон садҳо дин: бутпарастӣ, масеҳӣ, яҳудӣ, кришнаитӣ ва ғайра мавҷуд аст. Бале, лекин дар масъалаи наҷоти рӯҳ танҳо ду ақида мавҷуд аст. Фарисӣ ҳамаи он динҳоеро таҷассум менамояд, ки он ба инсон бо кӯшиши худ дарёфтани наҷотро таълим медиҳанд. Онҳо чунин мегӯянд: "Инсон бо роҳи одобу рафтори нек, садақаву қурбонӣ ва кӯшишҳои худ наҷот меёбад. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, ҳеҷ кас дар рӯи замин соҳиби наҷот буданашро фаҳмида наметавонад. чунки одам боварӣ дошта наметавонад, ки барои наҷот ёфтан то ба дараҷаи кифоя кори нек иҷро намудааст". Дини фарисиро мухтасар бо калимаи "кирдор" ифода кардан мумкин аст.

Боҷгир дини ҳақиқиро тасвир мекунад. Ин дин меомӯзад, ки одам наметавонад худро наҷот диҳад. Он ҳамчунин таълим медиҳад, ки Худо ба ҳамаи онҳое ки худро гуноҳкор шумурда, барои наҷот танҳо ба Худованд Исои Масеҳ умед мебанданд, ҳаёти ҷовидон мебахшад.

ДАРСИ ЧОРУМ

# Баргаштани писари ноаҳл

*(Луқо 15:11-32)*

Он рӯз муносибатҳо тезу тунд шуда, то ба ҳадди охирин расида буданд. Писари хурдии оила қарор дод, ки аз хона тамоман баромада меравад. Танҳо як чиз монеъ мешуд – вай пул надошт, зеро ҳамаи пул дар дасти падар буд. Албатта, пас аз марги падар ӯ сеяки мероси ӯро соҳиб мешавад, вале ҳоло ҳамаи ин ба ӯ ягон фоида надошт.

Ӯ ба падар хунукназарона муроҷиат намуда пурсид: "Чӣ бояд кард, ки ман қисми мероси худамро ҳозир гирам?" Ин суханҳо ба дили падар ҳамчун корд зарба заданд, вале боиси ҳайрати ҳама буд, ки падар худро ба даст гирифта, хоҳиши писарро иҷро намуд.

Писар қисми мероси худро гирифта, саросемавор ба шаҳри пургуноҳ рафт. Шаҳрро дида, вай ба ҳаяҷон омад ва гуфт: "Чӣ тавр ин ҷо зебост! Ҳеҷ гуна панду насиҳати дилбазан, ё нофаҳмие байни насли ҷавон ва калонсол нест. Ана, озодӣ куҷост! Ва он мӯйсафед дигар сардорӣ намекунад. Ҳаёти дилхуш, нӯшидану хӯрдан, кайфу

қиморбозӣ, ёру рафиқони бисёр, махсусан байни духтарон, охир ӯ чунон ҷавони хушнамову дилнишин аст!”

Вай пулашро мисли оби равон сарф карда, рӯз то рӯз ҳамроҳи ҷӯраҳояш бо айшу ишрат машғул буд. Ҷӯраҳояш ӯро “шайх” гуфта, ҳазл мекарданд.

Баъд вазъият тағйир ёфта, чун барф ба сараш фурӯ рехт – ӯ ҳама дороияшро барбод дода, дигар ҳеҷ чиз надошт. Писари ноаҳл бекор, бо қарзҳои бисёр ва гурусна монд.

# Аз олуфтагӣ ба хукбонӣ

Бале, ӯ гуруснагӣ мекашид, вале ҷӯраҳояш ба ҳар тараф чун шамол вазида гум шуданд. Вақте ки ӯ ташна монд, ягон каси онҳо ба ӯ об надоданд. “Барои хона иҷорапулӣ дода натавонӣ, гум шав!” – гуфта пеш карданд ӯро.

Оқибат ӯ як “кори масъулиятнок” ёфт, ки аз бонӣ кардани хукон иборат буд. “Хайрият, ки ба хукони ҳаром хӯрок додани маро роҳбари ҷамоатамон намебинад!” – фикр намуд ӯ. Бо вуҷуди ин, вай ба хукон ҳасад мебурд, зеро онҳо сер буданду ӯ бошад, доимо гуруснагӣ мекашид.

Дар назди охури бадбӯй истода, вай доимо хонаашонро ба ёд меовард: оилаашон, ки дар сари дастархони пур аз нозу неъмат менишаст; бӯи нони навпухта ва хизматгорони онҳо, ки аз ӯ беҳтар зиндагӣ мекунанд. Вале ӯ бошад аз гуруснагӣ азоб мекашад. “Ман чӣ гуна беақлам!” – фикр кард ӯ.

Дар охир тобу тоқати писар намонд ва ӯ ба хулосае омад, ки назди падар рафта, барои беақлии кардааш тавба кунад ва аз вай бахшиш пурсад.

Падар шояд ӯро интизор буд, зеро аз дурӣ писари омадаистодаашро дар роҳ дид. Ӯ писарро аз болои айвон

дида, зуд сӯи вай шитофт. Писари ноаҳл нолакунон тавба мекард, вале падар ӯро ба оғӯш кашиду бо бӯсаҳо суханони вайро бурид. Чӣ гуна вохӯрии аҷоиб! На таънаву на сарзаниш! “Охир ман ба ту гуфта будам”, –ором мекард падар писарро. Падар нисбати ӯ танҳо меҳру муҳаббат зоҳир кард.

Ҳамон лаҳзае, ки онҳо ба хона даромаданд, байни хизматгорон саросемагӣ сар зад. Онҳо бо супориши падар сару либос ва ангуштарини тиллоӣ оварданд. Баъд гӯсолаи фарбеҳро сар зада, аз пайи тайёрӣ ба зиёфат шуданд.

Падар пур аз шодӣ буд. “Нигоҳ кунед, – мегуфт ӯ, – писарам мурда буд ва инак зинда шуд, гум шуда буд ва инак ёфт шуд”. Базм то нисфи шаб давом кард.

Вақте ки писари калонӣ аз кор ба хона баргашта сабаби базму хурсандиро фаҳмид, ба хашм омад. Ҳангоме падар ӯро пурсон шуд, ки чаро дар шодии умумӣ иштирок намекунад, писари калонӣ бо сарзаниш изҳор кард: “Ман ҳеҷ гоҳ хонаро тарк карда, ба шаҳри пургуноҳ нарафта будам ва барои занакбозӣ пул сарф намекардам. Ту бошӣ барои ман ин хел базм наоростӣ. Гӯсола он тараф истад, ҳатто як бузак ҳам барои ман сар назадӣ, вале барои ин писари нобакорат, ки тамоми дороии туро бо фоҳишаҳо барбод дод, як гӯсолаи фарбеҳро сар задӣ”.

Падар бо суханони мулоим писари калонии худро ором намуд. Суханони падар маънои зеринро дошт: назар ба писаре ки худро боло гирифта, бегуноҳ ҳисоб мекунад, барои писари нобакор, ки айбашро фаҳмида, аз гуноҳаш тавба кард ва ба хона баргашт, сабаби шодӣ кардан бисёртар аст.

# Маънои ин қисса

Исо ин қиссаро ба одамони худписанд нақл кард, ки Ӯро барои бо гуноҳкорон дӯстӣ карданаш таъна мекарданд (ояти 2). Дар ин ҳикоя падар Худоро таҷассум мекунад.

Писари хурдӣ гуноҳкорро тасвир мекунад, ки барои тавба кардану бахшоиш ёфтан тайёр аст. Писари калонӣ ҳам гуноҳкор мебошад, аммо инро эътироф кардан намехоҳад. Вай худро бо дигарон муқоиса намуда, ба хулоса меояд, ки чандон одами бад нест. Маънои асосии ин қисса дар он аст, ки Худо назар ба шахсони ҳавобаланде ки гуноҳҳои худро эътироф накарда, бо покизагӣ ва кирдори неки худ фахр мекунанд, барои гуноҳкорони тавбакунанда бисёртар шодӣ мекунад.

Инчунин аз ин ҳикоя боз дигар хулосаҳои дарсӣ баровардан мумкин аст, ки мо онҳоро партофта гузаштан намехоҳем.

Ҳангоме ки писари хурдӣ мероси худро талаб карда хонаро тарк кардан хост, ин амал падарро дилшикаста намуд. Бинобар ин гуноҳ на танҳо вайрон кардани шариати Худост, он ҳамчунин ба дили Худо дард меоварад.

Писари хурдӣ ба кишвари дур рафт, вале хӯроки хукон насибаш гашт. Аксари мо ҳамин тавр рафтор мекунанд. Мо ҳама айшу ишрати дунёро чашида, аз самари гуноҳ ҳаловат бурдан мехоҳем. Мо бояд мисли писари хурдӣ хулоса барорем, ки ҳаловати гуноҳ муваққатӣ буда, дер давом намекунад.

То даме ки ӯ пул дошт, дар атрофаш дӯстони зиёде ҷамъ шуда буданд. Аммо вақте ки ӯ ҳақиқатан ба онҳо мӯҳтоҷ шуд, дар наздаш касе набуд. Ҳеҷ кас ба ӯ ҳеҷ чиз надод. “Дар кишвари шайтон ягон чиз муфт дода намешавад, ҳама чӣ бо нархи қимат харида мешавад”.

Солҳои душвори гуруснагӣ барои ӯ ҳамчун як файзу баракат шуд. Аксаран барои ба худ омадан мисли ин як вазъияти ногувор, воқеаи нохуш, касалӣ, ғам ё ягон ҳолати мушкил лозим аст.

Писар фақат ягона кор ёфта тавонист, ки аз хӯрок додани хукон иборат буд. Ин машғулияти аз ҳама паст буд. Гуноҳ ҳамин тавр аст. Он одамро ба ҳолати аз ҳама паст оварда мерасонад.

Оқибат вай ба ҳолати ногувор афтода, ба худ омад. Ӯ ба Худо мӯҳтоҷ буданашро фаҳмид. Ҳолати бад ба одам

имконияти хуб фароҳам меоварад, ки рӯ ба Худо оварад. Ҳангоме ки мо дигар ба ҳеҷ куҷо арз карда наметавонем, нигоҳамонро сӯи осмон баланд мебардорем.

Бе шубҳа, ҳангоме ки писар хонаро тарк кард, падар барояш доимо дуо мегуфт. Дуо ҳама чизро, ҳамчунин одамро тағйир медиҳад. Бисёр касон “дуои падару модарамон дар тамоми роҳ маро нигаҳбонӣ мекард”, – гуфта метавонанд.

Писар хонаи падарро бо суханони “қисми мероси маро ба ман деҳ” – тарк намуд, вале ҳангоми баргаштан чунин гуфта буд: “Маро ба қатори яке аз хизматгоронат қабул кун”. Агар ба таври дигар гӯем, вақти рафтанаш ӯ он чизеро талаб мекард, ки ба фикраш, ба он ҳақ дошт. Вале ҳангоми бозгашт вай раҳму меҳрубонӣ илтиҷо мекард. Раҳму шафқат аз ҳукму доварӣ дида беҳтар аст.

Пешвозгирии хурсандонаи падар дили кушоди Худоро тасвир мекунад. Ин дар Китоби Муқаддас шояд ягона ҷоест, ки Худо саросемагиро (ҳангоме Ӯ ба пешвози гуноҳкори баргаштаистода давида мебарояд) нек маънидод мекунад.

Либоси беҳтарин рамзи либоси покӣ аст. Худо ба гуноҳкоре ки тавба карда, ба Исои Масеҳ бовар мекунад, чунин либос мепӯшонад (2Қӯринтиён 5:21).

Пойафзол ба қатори фарзандони Худо дохил шудани бовардоронро тасвир мекунад. Онҳо на ҳамчун ғулом, балки ҳамчун фарзандон қабул мешаванд, зеро ки ғуломони он давр пойафзол намепӯшиданд.

Китоби Муқаддас зиёфати бошукӯҳро (он зиёфате ки ба муносибати баргаштани писар барпо шуд) тасвир намуда, мегӯяд, ки онҳо шодиву хурсандӣ мекарданд. Навишта намегӯяд, ки хурсандии онҳо тамом шуд. Вақте ки гуноҳкор назди Падари Осмонӣ бармегардад, дар осмон шодӣ қатъ намегардад.

# Писари ноаҳли ҳозиразамон

Якчанд сол пеш як шахси ҷавон аз хона баромада рафт ва дар шаҳри дигар ҷой гирифт. Ӯ ҳаёти бадахлоқонаро сар карда, ба корҳои ношоям дода шуд ва дар муддати даҳ сол ба сари падару модараш шармандагӣ овард. Дар охир ӯ чун писари ноаҳл қарор дод, ки ба хона баргашта ҳаёти нав оғоз мекунад. Вале боварӣ надошт, ки падару модараш ӯро хурсандона пешвоз мегиранд.

Барои ҳамин вай ба хонаашон мактуб фиристода мақсадашро баён кард. Ӯ аз модар илтимос намуд, ки агар онҳо ба бозгашти вай зид набошанд, ба шохи буттаи гулхоре ки назди хонаашон мерӯид, ҳамчун ишора як порча латтаи сафед банданд. Ҳангоме ки ӯ бо автобус аз пеши хонаашон мегузарад, бо ин восита ҷавоби онҳоро мефаҳмад. Агар дар бутта латтаи сафед набошад, пас ӯ гузашта меравад.

Ҳангоме ки автобус ба шаҳри азизаш ворид шуд, ҷавон бо шиддат фикр мекард, ки ӯро чӣ интизор аст? Инак, хона ва баъд буттаи гулхоре намоён шуд, ки дар шохаҳои он садҳо порчаҳои латтаи сафед аз таъсири шамол ба ҷилва меомаданд. Ӯ аз ҷой хеста, барои фаромадан пеши дари автобус омад. Бале, ӯ фаҳмид, ки ӯро дар хона интизоранд.

Худо ҳам айнан ҳамин хел бо мо рафтор мекунад. Назди Ӯ дарахте истодааст – салиби Ҷолҷолто. Оғӯши Ӯ барои ҳамаи гуноҳкорони рӯи замин кушода буда, онҳоро ба тавба, рӯ гардонидан аз гуноҳҳо ва ба дили худ қабул кардан Наҷотдиҳанда водор мекунад.

ДАРСИ ПАНҶУМ

# Сарватдор ва Лаъзор

*(Луқо 16:19-31)*

Ба фикри шумо, пас аз мурдан бо одам чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

Аксари одамон ба донистани оқибати худ шавқи бисёр доранд. Ҳикояи сарватдор ва Лаъзор дар бораи ин маълумот медиҳад. Мо онро мухтасар накл мекунем.

Сарватдоре буд, ки либоси гаронбаҳо мепӯшид ва хӯроки беҳтарин мехӯрд. Умуман, ҳаёти боҳашамати бемаъно ба сар мебурд.

Ва ҳар боре ки аз тиреза менигарист, нигоҳаш ба як манзараи ночизи назди дарвоза меафтид. Он ҷо Лаъзори бечораву бенаво мехобид, ки бо садақаи дигарон шикамашро сер мекард. Бадани вай пур аз захм буд, ки аз он хуну зардоб мечакид. Сагони ҳамсоя омада захмҳои ӯро мелесиданд, вале Лаъзор барои пеш кардани онҳо мадор ҳам надошт.

Ба ин ду шахс назар карда гуфтан мумкин нест, ки Лаъзор ба Худо аз самими дил бовар мекарду сарватдор шахси нобовар буд.

Аммо чунин шуд, ки Лаъзор мурд ва ӯро гӯр карданд. Албатта дафни ӯ дабдабанок набуд. Ӯро аз ҳисоби ҷамъият гӯр карданд. Лекин мо давомашро хонда мефаҳмем, ки фариштагон ӯро ба оғӯши Иброҳим бурданд. Ҳангоме ки яҳудиёни он замон ибораи “оғӯши Иброҳим”-ро истифода мебурданд, ҳолати шодии бузургтаринро, яъне ҳаловати биҳиштро дар назар доштанд. Онҳо медонистанд, ки Иброҳим баъди мурдан ба биҳишт бурда шуда буд. Бинобар ин дар оғӯши Иброҳим будан, яъне бо ӯ дар биҳишт шодмонӣ карданро ифода мекард.

# Шумо оиди оянда чӣ гуна ният доред?

Сарватдор мурд ва ӯро гӯр карданд. Мо ин маросими дафнро хуб тасаввур карда метавонем: тобути гаронбаҳо, гулчанбари бисёр, суханони дуру дароз дар бораи корҳои неке ки сарватдор дар давоми умраш карда буд ва ғайра. Вале сарватдор ба оғӯши Иброҳим бурда нашуд. Китоби Муқаддас хабар медиҳад, ки ӯ дар азобу укубати дӯзах қарор гирифт. Дӯзах ҷои азоби ҳақиқист, ки наҷотнаёфтагон баъди мурдан он ҷо мераванд. Сипас, дар рӯзи доварӣ ҷисми онҳо дубора зинда шуда, бо ҷону рӯҳашон мепайвандад ва онҳо ба ҷаҳаннам, яъне кӯли оташин партофта мешаванд. Вале то он лаҳза онҳо дар ҷои азобу укубат қарор мегиранд. Дӯзах ҷоест, ки айбдорон то бароварда шудани ҳукм он ҷо қарор мегиранд. Ҷаҳаннам, ё кӯли оташин чун зиндон аст, ки дар он гуноҳкорон баъди бароварда шудани ҳукм ҷовидона азият мекашанд.

Сарватдор аз дӯзах ба дигар тарафи партгоҳи бузург нигариста, Иброҳим ва Лаъзорро дид. Ӯ фарёд зада, гуфт: “Падарам Иброҳим! Ба ман раҳм кун ва Лаъзорро фирист, то ки нӯги ангушташро ба об тар карда, забони маро нам кунад, зеро ман дар аланга азият мекашам”.

Вале зорию таваллои вай иҷро карда нашуд. Иброҳим ба сарватдор ёдрас намуд, ки вай дар ҳаёташ ҳамаи он чиро, ки мехост, гирифта буд, вале Лаъзор дар ҳаёт фақат укубат мекашид. Акнун ҳар яке ҷои худро гирифт. Илова бар ин Иброҳим гуфт, ки ин партгоҳи бузургро гузаштан аз имкон берун аст.

Сарватдор баъд панҷ бародаронашро ба ёд овард, ки ҳоло дар рӯи замин зиндагӣ мекарданд. Вай Иброҳимро илтимос кард, ки ба пеши онҳо Лаъзорро барои шаҳодат додан фиристад, то онҳо ҳам ба ин ҷои азобу укубат наафтанд.

Иброҳим ба ӯ ёдрас карда гуфт, ки бародарони ӯ Навиштаҳои Муқаддасро доранд, ки Мусо ва пайғамбарон

навишта буданд. Агар онҳо Навиштаҳоро хонанд, пас роҳи наҷотро меёбанд, ки ба воситаи бовар ба Худост.

Сарватдор хаёл кард, ки ин кифоя нест. Вай боварӣ дошт, ки агар ягон кас аз мурдагон зинда шавад ва назди онҳо рафта шаҳодат диҳад, онҳо тавба мекунанд.

## Баровардa шудани ҳукм

Иброҳим сухани охиринро гуфт. Вай фаҳмонд, ки агар кас ба Китоби Муқаддас боварӣ накунад, ҳатто агар касе аз мурдагон зинда шавад ҳам, бовар намекунад. Ин дар ҳақиқат ҳамин тавр аст.

Боре Худованд Исои Масеҳ шахсеро, ки Лаъзор ном дошт, аз мурдагон зинда кард. Вале мардум барои ин Исоро ҷустуҷӯ мекарданд, то ки кушанд (Юҳанно 11:1-53). Баъдтар Худованд Исои Масеҳ аз мурдагон зинда шуд, лекин одамон ба Ӯ бовар намекарданд.

Таълимоти Китоби Муқаддас дар бораи оқибат одамонро ҳамчун як навигарӣ ба ҳайрат меоварад. Аксари одамон чунин меҳисобанд, ки дӯзах умуман вуҷуд надорад. Ба ақидаи онҳо, Худои муҳаббат ба чунин ҷой роҳ дода наметавонад, зеро ин ба моҳияти Ӯ рост намеояд. Онҳо мегӯянд, ки агар дӯзах вуҷуд дошта бошад ҳам, ин ҳаёти заминии мост. Аммо Китоби Муқаддас чӣ мегӯяд? Худованд Исои Масеҳ чӣ мегӯяд?

Дӯзах ва ҷаҳаннам ҷойҳои ҳақиқӣ мебошанд ва Исои Масеҳ дар бораи онҳо назар ба дигар одамон бештар маълумот додааст. Дар асоси гуфтаҳои Худованд дӯзах ҷои даҳшатнок аст.

Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки Худо ҷаҳаннамро барои одамон наофаридааст. Ҷаҳаннам барои шайтон ва фариштагони вай муқаррар шудааст (Матто 25:41). Худованд намехоҳад, ки касе ба дӯзах равад (2Петрус 3:9) ва барои раҳо намудани мо роҳи наҷот тайёр кардааст.

Одамон ба ҷаҳаннам танҳо барои он меафтанд, ки ягона роҳи сӯи биҳиштро рад мекунанд.
Аз рӯи ҳикояи сарватдор ва Лаъзор маълум мешавад, ки ҳангоми ҷисман мурдани мо рӯҳ ва ҷонамон намемирад. Пас аз марги бовардор рӯҳу ҷонаш назди Масеҳ ба биҳишт равон мешавад (Филиппиён 1:23; 2Қӯринтиён 5:6-8). Пас аз марги нобовар рӯҳу ҷони вай ба дӯзах рафта, чуноне ки гуфта будем, дар ҷои азобу уқубати ҳақиқӣ қарор мегирад. Сарватдор дар он ҷой азоби ҳақиқии ҷисмонӣ мекашид (ояти 23): вай медид (ояти 23), қобилияти шинохтан дошт (Иброҳим ва Лаъзорро шинохт, ояти 23), гап зада метавонист (ояти 24), ташнагиро ҳис мекард (ояти 24), хотира дошт (ояти 25), мешунид (ояти 25), ақли солим дошт ва фикр карда метавонист (ояти 27-28). Азобу уқубати он ҷо як манзараи даҳшатнокро тасвир мекунад (ояти 23,24,28).

## Чӣ дар ҳақиқат аҳамият дорад?

Мо ҳамчунин аз ин ҳикоя фаҳмидем, ки молу мулки сарватдор ӯро аз марг наҷот дода натавонист. Ҳангоме ки соати вопасини сарватдор расид, вай ба ҷовидонӣ рафт. Вале сабаби ба дӯзах афтиданаш сарват набуд. Лаъзор ҳам барои камбағал будан ба биҳишт бурда нашуд. Ҳангоми марг оқибати ҳар як одамро ба Худованд Исои Масеҳ бовар доштанаш ҳал мекунад (Юҳанно 1:12; 3:16,36).

Қобили зикр аст, ки одамон барои наҷоти ҷони хешу наздикон на дар ҳаёти заминӣ, балки дар дӯзах бештар аҳамият медиҳанд. Сарватдор мехост, ки ягон кас рафта бародарони ӯро огоҳ намояд. Касе гуфтааст, ки дар дӯзах нобоварон нестанд. Бале, онҳо бовар мекунанд, вале ниҳоят дер.

Партгоҳи бузурге ки байни биҳишту дӯзах ҳаст (ояти 26), тақдири одамонеро тасвир мекунад, ки охираташон пас аз марг муайян шудааст. Пас аз марг ба одамон ягон хел имконияти дубора дода намешавад. “Агар дарахте афтад,

пас дар ҳамон ҷой афтода хоҳад монд” (Воиз 11:3). Аз дӯзах ва ҷаҳаннам халос шудан имкон надорад.

Иброҳим ба сарватдор гуфт, ки Худо ягон касро аз мурдагон назди панҷ бародари вай зинда карда намефиристад, зеро онҳо Китоби Муқаддас доранд. Одамон барои хондани Китоби Муқаддас, боварӣ ба он ва риояи гуфтаҳои он дар назди Худо ҷавобгарӣ доранд. Худо мехоҳад, ки мо ба Китоби Муқаддас ҳамчун ба суханони Ӯ бовар кунем. Китоби Муқаддас сухани Худои Ягона мебошад, ки дар он ягон хел дурӯғ вуҷуд надорад. Агар мо ба суханони Худо бовар накунем, пас Ӯро дурӯғгӯй тасвир менамоем. Ин ба Худо хуш намеояд. Ҳамчунин Худо намехоҳад, ки одамон мӯъҷиза талаб намоянд, зеро ин боварии ҳақиқӣ нест. Боре Исо ба шогирдаш Тумо гуфта буд: “Ту ба хотири Маро диданат имон овардӣ, вале хушо касоне ки надида имон оварданд” (Юҳанно 20:29).

Барои ба оташи дӯзах афтидан ба одам ягон кӯшишу ғайрат лозим нест. Вале ҳамчунин бо ягон кӯшишу ғайрат аз он ҷо халосӣ ёфтан имкон надорад.

Касе ки нисбати хушхабар беҳурматӣ карда Наҷотдиҳандаро рад мекунад, ба дӯзах меафтад. Онҳое ки “интихоб карда наметавонем” мегӯянд, аллакай интихоби худро кардаанд.

Ҳар яки мо бояд ба худ савол диҳем, ки баъди мурдан ба куҷо меравем ва охиратро дар куҷо мегузаронем?

Ҳар касе ки тавба карда Наҷотдиҳандаро қабул мекунад, боварӣ дошта метавонад, ки охиратро ҳамроҳи Ӯ дар биҳишт мегузаронад.

ДАРСИ ШАШУМ

# Шахси қадпасте ки ба болои дарахт баромада буд *(Луқо 19: 1-10)*

Дар шаҳр хабар паҳн шуд, ки Исо ба Ериҳӯ ворид шуда, аз он мегузарад. Дар кӯчаи марказӣ мардуми бисёр ҷамъ омаданд, то Ӯро бинанд. Дар паси одамон Заккай ном шахсе меистод. Вай сардори боҷгирон ва сарватдор буд. Қади вай хеле паст буд, бинобар ин дар паси мардуми бисёр истода, ҳеҷ чизро дида наметавонист. Ҳамватанони Заккай барои боҷгир буданаш аз ӯ канорагирӣ мекарданд. Оё яҳудии поквиҷдон ба румиҳои истилогар кор карда, ба онҳо андоз ҷамъ мекунад?

Байни касби вай ва сарватмандиаш робитае буд, зеро боҷгирон аз ҳисоби андоз киссаи худро пур мекарданд ва ин ба ҳама маълум буд. Новобаста ба ҳамаи ин, вай дар шаҳри худ одами калон буд ва бо ин фахр мекард.

Вай ҳоло мехост, ки Исоро бинад. Бешубҳа, ӯ дар бораи яҳудие ки мӯъҷиза мекарду таълимоташ бо ростӣ фарқ мекард, шунида буд. Ба вай ҳамчунин маълум буд, ки пешвоёни дин зидди Исо бархостанд, вале бисёр одамони оддӣ бо қувваи аз ин ҳам зиёд тарафдори Ӯ буданд. Заккайро ба ин амал шавқ водор намуд. Боварии вай ҳар чӣ бештар меафзуд. Заккай бовар мекард, ки Исо айнан ҳамон чизе пешниҳод мекунад, ки ӯ ба он эҳтиёҷ дошт. Бинобар ин вай мехост Исоро бо чашмони худ бинад.

Вале як чиз монеа мешуд – қади вай паст буд. Ҳангоме ки одам Исоро дидан мехоҳад, айнан ҳамин тавр мешавад – вай ҳамеша ба монеа дучор мегардад. Дар ин ҳолат одамон монеа буданд. Заккай дар паси мардум ин тарафу он тараф медавид, то бинад, ки дар пеш чӣ шуда истодааст. Вале ягон чизро дидан имкон надошт.

Сипас ба сараш фикре омад: вай метавонад ба болои ин дарахт бароядд. Вале одамон чӣ фикр мекарда бошанд?

Охир, вай сардори идораи андози маҳаллӣ буд. Дарахт ба дарахт гаштани роҳбари боҷгирон тамоман аз ақл берун аст!

## Аз хотир баровардани обрӯи худ

Закқай вақт надошт, то дар бораи обрӯи худ фикр кунад. Аз баланд шудани садову ғулғулаи мардум ӯ фаҳмид, ки Исо наздик шуда истодааст. Ҳозир – ё ҳеҷ вақт! Вай болои дарахт баромада, ба шохи он нишаст. Исоро дидан замон Закқай ҳис кард, ки дар ботинаш як ҷунбиш ба амал омад. Дар ҳамин лаҳза ӯ фаҳмид, ки иложи дигар надорад ва бояд Исоро пайравӣ намояд. Вай дилашро ба Исо супурда, шогирди Ӯ шуд. Ҳамаи инро бовари дохилии вай ба амал овард.

Бовари Закқай диққати Исоро ҷалб намуд. Аз назди дарахт гузашта, Исо ба боло нагирист ва ба Закқай муроҷиат намуда гуфт: "Закқай, зуд поён фаро, зеро Ман имрӯз бояд дар хонаат бимонам".

Закқай аз дарахт ҷаста фуромад. Вай аз пеши мардум давида гузашт, то Исоро пешвоз гирад ва бо сарбаландӣ Ӯро ба хонааш овард. Бале, ин барои Закқай шарафи бузургтарине буд, ки насибаш гашт.

Баъзе ҳамсоягони Закқай, ки пешвоёни дин буданд, аз ҳасад пур шуданд. Онҳо дар шаҳр овоза паҳн карданд, ки Исо хонаҳои одамони обрӯмандро гузашта, ба хонаи кадом як фиребгар даромадааст.

Ҳангоми дар хона будан Закқай оиди молу мулке ки ғайриқонунӣ ба даст оварда буд, андеша намуд. Акнун, ҳангоме ки ӯ пайрави Исо гашт, фаҳмид, ки сарвати ғораткардаашро бояд баргардонад. Бинобар ин Закқай ба Исо муроҷиат намуда гуфт: "Худовандо! Нисфи дороии худро ба камбағалон тақсим мекунам ва агар чизи касеро ноинсофона гирифта бошам, чор баробар бармегардонам". Иҷро кардани ин амал аз рӯи Шариат зарур набуд. Он чи аз вай талаб карда мешуд, тахминан барои 1 сӯми ноҳақ

гирифташуда 1 сӯму 20 тин баргардондан ва ба Худо додани даҳяки даромади худ буд. Вале ҳоло ӯро ба чунин амал на Шариат, балки қонуни аз он ҳам бештар водор кард.

Исо дид, ки Заккай дар ҳақиқат ба Ӯ бовар кард ва чунин гуфт: “Имрӯз ба хонаи ту наҷот омад, Заккай. Ту ҳам чун нахустпадари худ Иброҳим бовар кардӣ”.

Баъд Исо ба онҳое ки барои ба хонаи гуноҳкор даромаданаш Ӯро таъна мезаданд, рӯ оварда, гуфт: “Зеро Писари Одам барои пайдо намудан ва наҷот додани гумроҳшудагон омадааст”.

## Бартараф кардани монеа

Акнун, агар мо бори дигар ба ин рӯйдод нигарем, аз он якчанд хулосаҳои муҳими ибратбахш мегирем.

Заккай сарватманд буд, вале эҳтиёҷе дошт, ки онро молу сарват қонеъ гардонда наметавонист. Одамоне ҳастанд, ки дар назари ҷаҳон сарватманданд. Бо вуҷуди ин, онҳо дар назари Худо дар ҳолати бенавоёнаи шоёни гиря қарор доранд. Аз тарафи дигар, кар метавонад аз ҷиҳати моддӣ камбағал, вале рӯҳан ғанӣ бошад. Агар кас бовардор бошад, вориси Худо ва ҳамворис бо Исои Масеҳ аст.

Ҳангоме ин сарватдор Исоро дидан хост, пай бурд, ки душвориҳои бисёр пайдо шуданд. Мардуми бисёри ҷамъшуда ба ин мисол шуда метавонад. Баъзан фахр ё худписандӣ монеа шуда, пеши роҳи одамро сӯи Худо мегирад. Баъзан ин тарси одамӣ (Масалҳо 29:25), сарват ё хоҳиши тарк накардани гуноҳи дӯстдошта мебошад.

Бовари ҳақиқӣ инсонро назди Исо меоварад ва намегузорад, ки монеаҳо ба вай халал расонанд. Агар одам хоҳиши ба Исо пайравӣ намуданро дошта бошад, ӯ роҳи амалӣ гардондани ин хоҳишро меёбад. Шубҳа монеаҳоро мебинад, вале бовар онҳоро бартараф менамояд.

Бовар дар назари Худо ҳеҷ гоҳ ноаён намемонад. Ҳангоме ки шахс аз гуноҳҳо тавба намуда, Исои Масеҳро

чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунад, Худованд номи ӯро дар китоби ҳаёти Худ сабт мекунад. Ба ин одам лозим нест, ки ҳангоми парастиши ҷамоат байни одамон баромада, тавбаи худро бо овози баланд баён кунад. Вай бояд танҳо Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кунад. Албатта, пас аз тавба дар ӯ хоҳише пайдо мешавад, ки ба дигарон оиди Худованд нақл кунад, зеро шахси наҷотёфта ин хурсандиро дар худ пинҳон карда наметавонад.

## Амали оқилонае ки Заккай боре кардааст

Ба дарахт баромадани Заккай беҳтарин амал дар ҳаёти вай буд. Ин изҳори бовар барояш чунон файзу баракат овард, ки ӯ орзу ҳам намекард. Масалан, вай дар он рӯз сазовор гашт, ки Худо-Писарро ба хонааш қабул кунад. Сипас ин воҳӯрӣ дар Китоби Муқаддас сабт ёфта, то замони мо ҳам маълум гашт. Заккай наҷот ёфт ва ҳаёти ҷовидонро соҳиб шуд. Қарори ба Исои Масеҳ супурдани ҳаёти худ натиҷаҳои аҷоиб меоварад, ки одам онро ба пуррагӣ дарк карда наметавонад.

Аз ин ҳикояи ҳақиқӣ як хулосаи хеле муҳим бармеояд: ба пеши Исо омада, одам бояд кӯшиш намояд, ки ҳама каҷиҳо ва рафторҳои ношоямро ислоҳ намояд. Агар вай ягон чиз дуздида бошад, бояд онро баргардонад. Агар ба касе бадӣ карда бошад, бояд назди он шахс рафта, чунин вазъияти ҳолро тағйир диҳад. Ин барои шаҳодат доданоиди Исои Масеҳ имконияти хуб фароҳам меоварад. Вай метавонад чунин гӯяд: “Ҳафт сол пеш, ҳангоме ки ман бо шумо кор мекардам, ин асбобро дуздида будам. Вале чанде пеш ман ба Исои Масеҳ бовар карда, наҷот ёфтам. Худованд ба ман ошкор намуд, ки ман қарздори шумоям. Ман мехоҳам барои ин рафтори ношоями худ аз шумо бахшиш пурсам”. Албатта ин амалро бо баъзе сабабҳо ба ҷо овардан умкон надорад. Зеро шояд шумо он касро дигар наёбед, ё

касе аз олам гузашта бошад. Вале агар имконпазир бошад, шумо бояд зарари расондаатонро ҷуброн намоед, чунки ин вазифаи ҳар як бовардор аст.

Бешубҳа, Заккай аз накӯкорӣ дур буд ва гуноҳкор буданашро пурра мефаҳмид. Вале Худо бо сабаби он ки одам гуноҳ кардааст ё дар ҳаёт пешпо хӯрдааст, аз вай рӯ намегардонад. Исои Масеҳ ба ҷаҳон бораи он омадааст, ки гумроҳшудагонро ёфта, наҷот диҳад. На росткорону одилонро, балки гуноҳкорону гумроҳшудагонро. Дар ҳақиқат, ҳамаи одамон табиатан гуноҳкорони гумроҳшудаанд, вале бисёриҳо инро эътироф кардан намехоҳанд. Ин ба онҳо роҳи наҷотро банд карда, наҷот ёфтанро имконнопазир мегардонад. Танҳо онҳое наҷот ёфта метавонанд, ки гуноҳкори гумроҳшуда будани худро эътироф мекунанд.

Исои Масеҳ шаҳри Ериҳӯро бори охир зиёрат карда буд. Аз ин ҷо Масеҳ ба Уршалим, барои мехкӯб шуда мурдан мерафт. Ҳамин тариқ, барои Заккай ин имконияти охирини дидани Наҷотдиҳанда буд. тасаввур кунед, ки агар ӯ ин имкониятро аз даст медод! Дар ҳақиқат, ҳеҷ кас намедонад, ки кай барояш имконияти охирин аст. Кай хушхабар барояш бори охирин садо медиҳад. Бинобар ин кашол додани вақт оқибатҳои хавфнок меоварад. Аз ҳамин сабаб Китоби Муқаддас муроҷиат карда, чунин мегӯяд: “Инак, ҳоло вақти мувофиқ аст, ҳоло рӯзи наҷот аст” (2Қӯринтиён 6:2).

ДАРСИ ҲАФТУМ

# Зане ки дар амали зино дастгир шуд

*(Юҳанно 8:2-11)*

Боре пагоҳӣ Исо ба Хонаи Худо, ки дар Уршалим буд, омад. Вай аз рӯи одати Худ ба мардуми дар гирдаш ҷамъомада таълим медод.

Пешвоёни дин мардуми ҷамъомадаро, ки ба таълимоти Исо шавқ доштанд, дида, ба хашм меомаданд. Бинобар он онҳо хостанд Исоро пеши назари мардум дар вазъияти ногувор мононанд.

Онҳо занеро назди Ӯ оварда, дилпурона арз намуданд, ки ин зан дар амали зино дастгир шуд. Онҳо ба Исо ёдрас карданд, ки мувофиқи шариати Худо ин занро сангсор карда куштан лозим аст (Ибодат 20:10; Такрори Шариат 22:22). Пас аз ин онҳо аз Исо пурсиданд, ки қарори Ӯ чӣ гуна аст?

Онҳо мехостанд, ки Худовандро ба дом андозанд. Агар Ӯ гӯяд, ки сангсор карда шавад, пас куҷост раҳму шафқати Ӯ? Агар қарор диҳад, ки ин занро сар диҳанд, пас Ӯ фармудаи шариатро иҷро намекунад. Онҳо ба хулоса омаданд, ки Исо дар ҳар ду ҳолат ноҳақ мебарояд.

Пеш аз он ки ба саволи онҳо ҷавоб диҳад, Исо хам шуда, бо ангушташ бар рӯи замин чизе менавишт. Дар бораи он чи Исо менавишт, ақидаҳо гуногунанд, вале ҳамаи ин ақидаҳо тахминӣ мебошанд. Маълум нест, ки Исо чӣ навишта буд.

Айбдоркунандагон бештар ба Исо фишор оварда, Ӯро маҷбур месохтанд, ки ба ин савол ҷавоб диҳад. Онҳо мепурсиданд, ки бо ин зани гуноҳкор чӣ бояд кард?

Он гоҳ Худованд аз ҷо рост хеста, гуфт: “Аз байни шумо касе ки бегуноҳ аст, аввалин шуда ба вай санг андозад”. Ва боз хам шуда, бар замин навиштан гирифт. Мо

он чизеро, ки Исо бар рӯи замин менавишт, дониста наметавонем, зеро ин аз мо пӯшида аст.

Лекин суханони Исо муаллимони шариат ва фарисиёнро айбдор намуданд. Онҳо ба доми гузоштаи худ афтиданд. Оё онҳо ботинан аз ин зан ягон фарқ доранд? Айбдоркунандагон аз пирон сар карда то каси охирин ҳама баромада рафтанд.

Баъд Исо занро пурсид: “Эй зан! Айбдоркунандагони ту куҷо шуданд? Оё касе туро маҳкум накард?”

Зан ҷавоб дод: “Ҳеҷ кас, Худовандо”.

Исо ба вай гуфт: “Ман низ туро маҳкум намекунам; бирав ва дигар гуноҳ накун”.

# Оё Худо бо гуноҳ муросо дорад?

Хонандае ки ин воқеаро на чандон бо диққат мехонад, ба осонӣ ба хулосае меояд, ки Исо ба амали зинои ин зан аҳамияти калон надод. Аммо ин тавр нест. Биёед ин ҳикояро бори дигар хонда, мебинем, ки аз он чӣ хулосаҳо баровардан мумкин аст.

Пеш аз ҳама мо поймол кардани ҳуқуқи занҳоро мушоҳида мекунем, ки муаллимони шариат ва фарисиён дастгирӣ мекарданд. Онҳо занеро, ки дар гуноҳи зино фош шуд, бераҳмона барои намоиш гузоштанд. Вале бо мардон муносибат чӣ гуна буд? Охир, гуноҳи зиноро ду кас ба амал меоваранд. Онҳо мардро сар дода, тамоми айби гуноҳро ба сари зан бор карданд. Қонуни инсоният ва аҳолии мардон аксаран занонро сазовори ҷазо дониста, мардонро сафед мекунанд.

Аз рӯи шариати Худо барои гуноҳи зино ҳукми сангсор карда куштан буд. Аҳамият диҳед, ки Исо аз шариат қатъи назар накард. Ӯ нагуфт, ки дар ҳолати зерин шариатро фаромӯш намоянд. Вай дар ҳақиқат ин шариатро тарафдорӣ намуда, онҳоро барои иҷрои ҳукм водор намуд “Он ки аз шумо бегуноҳ аст, аввалин шуда ба вай санг андозад”. Ин

ниҳоят муҳим аст. Агар Исо аз шариат қатъи назар мекард, ё чунон амал менамуд, ки гӯё шариат барои Ӯ аҳамияти калон надорад, пас ин нишонаи росткории Ӯ намешуд. Вай бояд шариатро риоя карда, онро дастгирӣ намояд.

Аз эҳтимол дур нест, ки гуфтаҳои Исо маънои зеринро дар бар мегирифтанд: “Он ки аз шумо бе ҳамин гуна гуноҳ аст (гуноҳи зино), аввалин шуда ба вай санг андозад”. Агар мард дар чунин гуноҳ айбдор бошад, пас вайро ҳам сангсор кардан лозим аст. Ҳукмро бояд танҳо он одам иҷро менамуд, ки дар чунин гуноҳ айбдор набуд. Он ҳақиқат, ки муаллимони шариату фарисиён ҳама паси якдигар баромада рафтанд, онро нишон медиҳад, ки виҷдони ҳамаи онҳо аз ин ҷиҳат нопок буд.

Ба он диққат диҳед, ки дар ояти 11 ин зан ба Исо чун ба Худованд муроҷиат мекунад. Мо метавонем чунин хулоса барорем, ки ин изҳори бовари зан ба Исо буд. Агар чунин бошад, гуфтаҳои он зан чунин маъноро дар бар мегирифт: “Ман медонам , ки гуноҳкори айбдорам. Маро дар ин гуноҳ ошкор карданд. Вале ман боварӣ дорам, ки Исо Наҷотдиҳандаи ваъдашуда аст ва Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул мекунам. Ман боварӣ дорам, ки Ӯ гуноҳҳои маро бахшида ба ман ҳаёти ҷовидонӣ ҳадя менамояд”.

Ҷавоби Исо тавбаи ҳақиқӣ ва бовари ин занро исбот мекунад. Исо гуфт: “Ман низ туро маҳкум намекунам; бирав ва дигар гуноҳ накун”. Ин ҷавоб нишон медиҳад, ки Худованд Исои Масеҳ пур аз файзу марҳамат буд.

“Ман низ туро маҳкум намекунам”. Наҷотдиҳанда ба ҳар одаме ки барои бахшоиш ёфтан ба Ӯ муроҷиат мекунад, чунин суханонро мегӯяд. Ва барои онҳое ки дар Исо Масеҳ ҳастанд, ҳеҷ маҳкумияте нест (Румиён 8:1). Исо ваъда додааст, ки ҳар касе суханони Ӯро бишнавад ва ба Фиристандаи Вай бовар карад, ба доварӣ намеояд (Юҳанно 5:24). Инчунин ба Юҳанно 3:17,18,19 нигаред.

Баъд Исо илова мекунад: “Бирав ва дигар гуноҳ накун”. Лекин барои чӣ Ӯ чунин гуфт. Оё Вай намедонист, ки ҳатто бовардорони ҳақиқӣ ҳар рӯз дар фикр, амал ё бо сухан

гуноҳ мекунанд? Бале, Ӯ  инро медонист. Вале Исо мехост, ки дар назди ин зан меъёри мукаммали Худро гузорад. Вай мехоҳад, ки мо тамоман гуноҳ накунем (1Юҳанно 2:1). Худо гуноҳро ҳамчун зуҳуроти дуруст қабул карда наметавонад. Агар Исо мегуфт, ки “Бирав ва кам-кам гуноҳ кун”, пас мо медонистем, ки Ӯ Худо нест, зеро ки Худо пок буда, ягон хел гуноҳро сафед намекунад (Ҳабаққуқи Набӣ 1:13). Аз ҳамин сабаб Худованд пеши он зан идеали ҳаёти бовардоронаро гузошт: “Бирав ва дигар гуноҳ накун”.

## Ҳангоме ки шумо аз роҳ бероҳа мешавед, чӣ ба амал меояд?

Мумкин аст, ки ягон кас чунин савол диҳад: “Агар бовардори масеҳӣ гуноҳ кунад, чӣ ба амал меояд?” Ин саволро дида баромада, якчанд лаҳзаҳоро қайд намудан лозим аст.

1. Бовардор бегуноҳ нест, вале ӯ нисбатан кам гуноҳ мекунад (Румиён 6:14).

1. Ҳангоме ки бовардор гуноҳ мекунад, на наҷотро, балки шодии наҷотро гум мекунад (Забур 50:14). Муносибатҳои наздики вай бо Худо вайрон мешаванд, вале ӯ ҳамон фарзанди Худо аст. Робитаи вай бо Худо катъ шуда, хурсандии оилавӣ гум мешавад.

3. Худованд Исои Масеҳ барои ҳамаи гуноҳҳои бовардорон дар салиби Ҷолҷолто ҷазо дид (Ишаъё 53:6). Ҳангоме ки Исо қурбон шуд, ҳамаи гуноҳҳои мо дар оянда буданд ва Ӯ барои ҳамаи онҳо ҷон супурда мурд. Бовардорро лозим нест, ки қарзи гуноҳро адо кунад, зеро онро Исо ба ҷо овард.

4. Вале ин тамоман маънои онро надорад, ки бовардор метавонад бепарвоёна гуноҳ кунад. Бовардор дорои боварӣ аст, вале Худо воситаҳои қатъии тарбиявӣ дорад. Қарзи гуноҳҳои бовардор дода шудаанд ва ӯ ҳеҷ гоҳ ба дӯзах намеафтад, вале бо вуҷуди он гуноҳ ба ҳаёти вай таъсири зараровар меоварад. Худо метавонад бовардори гуноҳкардаро ҷазо диҳад. Ин ҷазо метавонад ягон беморӣ, ғам, ҳадисаи нохуш, ё ҳатто марг бошад (1Қӯринтиён 11:27-32).

5. Гуноҳе ки бовардор дар ҳаёт аз он тавба накардааст, дар оянда сабаби гум шудани мукофоти вай мегардад (1Қӯринтиён 3:12-15).

6. Худо барои барқарор намудани бовардори гуноҳ кардаистода чораҳои муайян андешидааст. Дар Юҳанно 2:1 гуфта шудааст: “Агар касе гуноҳ кард, мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре дорем, ки Исои Масеҳи Одил аст”. Ӯ барои бовардори гуноҳкарда ба Падар дуо карда, чунин мегӯяд: “Ман ин қарзро ба гардани Худ мегирам”. Ӯ барои тавба кардан ва гуноҳро тарк намудани бовардор доимо меҳнат мекунад (Масалҳо 28:13).

7. Бовардор дар лаҳзае ки барои гуноҳаш тавба мекунад, бахшоиш мегирад ва муносибатҳои хурсандиовари ӯ бо Падар барқарор мешаванд. “Агар мо гуноҳҳоямонро эътироф намоем, Ӯ гуноҳҳои моро мебахшад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок мекунад, зеро Ӯ вафодор ва одил аст” (1Юҳанно 1:19).

8. Ҳангоми наҷот гирифтан Рӯҳи Поки Худо ба дили одам сокин мешавад (1Қӯринтиён 6:19). Вай барои ба васвасаи шайтон зиддият кардан қувват мебахшад. Бовардор наметавонад гӯяд: “Ман маҷбурам гуноҳ кунам, маро шайтон ба ин маҷбур мекунад”. Рӯҳи Пок ба ӯ қувва мебахшад, то “Не” гуфта тавонад. Агар ҳангоми васвасаи душвор Ӯ Худовандро даъват кунад, Худованд ғалаба бар

гуноҳ мебахшад. “Номи Худованд қалъаи устувор аст; росткор дар он паноҳ ёфта дар бехатарӣ мемонад” (Масалҳо 18:10).

Аҷоиб аст, ки зани дар амали зино дастгиршуда ба биҳишт меафтаду айбдоркунандагони вай, агар баъдтар тавба накарда бошанд, ба дӯзах. Бинобар ин боре Исо ба пешвоёни дин чунин гуфта буд: “Боҷгирон ва фоҳишагон аз шумо дида пештар ба Малакути Худо дохил шуда истодаанд” (Матто 21:31). Мумкин аст, ки он зан худро табиатан бебахту ноумед ҳисоб мекард. Вале вазъият чунин дигаргун шуд, ки вай барои ғолиб шудан зода шуд.

ДАРСИ ҲАШТУМ

# Ҷинояти бузургтарини инсоният

*(Матто 27:37-66; Марқӯс 15:26-47; Луқо 23:38-56; Юҳанно 19:19-42)*

Ин ҷиноят берун аз шаҳри Уршалим, паси деворҳои он ба амал омад. Он ҷо аслан ҳукми маргро ба иҷро мерасонданд. Яҳудиён он ҷоро “Ҷолҷолто” меномиданд. Имрӯз шояд мо онро ҷои ба Косахонаи сар монанд меномидем. Он дар назди яке аз роҳҳои асосие ки ба шаҳр мебурд, ҷойгир шуда буд.

Пагоҳии рӯзи ҷумъа, чандин солҳо пеш, гурӯҳи аскарони румӣ Шахси ҷавонеро ба ин ҷо барои ба қатл расондан оварданд. Вай аз сисола каме калонтар буд. Ӯ ва аскаронро анбӯҳи одамони бадхашму пур аз нафрат иҳота карда буданд. Онҳо доду фарёд зада Ӯро ҳақорату масхара мекарданд. Бе ягон шубҳа, онҳо ташнаи хуни Ӯ буданд.

Вале он ҷинояткори гумонбаршуда кӣ буд? Номи Ӯ Исо буд. Вай дар шаҳраки Байт-Лаҳм зода шуда, дар Носира калон шудааст. Исо ба падархондаш пайравӣ намуда, дуредгар шуд. Вале чун ба синни сисолагӣ расид, ҳама асбобу анҷомҳои дуредгариро гузошта, бо ғайрат ва қудрати Худо ба мавъизаи хушхабар шурӯъ намуд. Маҳз аз ҳамон вақт мушкилиҳо сар шуданд, зеро таълимоти Ӯ ва суханоне ки Шахсан оиди Худ мегуфт, ба талабу дархостҳои пешвоёни дин умуман мувофиқ набуданд. Онҳо якчанд маротиба кӯшиш намуданд Ӯро кушанд, вале ин кӯшишҳо бо нокомӣ анҷом ёфтанд. Ниҳоят, онҳо Исоро бо ёрии хоинонаи яке аз шогирдонаш – Яҳудо дастгир намуда, ҳабс карданд. Пас аз тафтишоти ғайриқонунӣ яҳудиён Исоро ба дасти румиён супориданд, чунки барои баровардани ҳукми қатл ҳуқуқ надоштанд. Довари румӣ ягон айби Исоро наёфт, лекин зери фишори пешвоёни динӣ Ӯро ба дасти ҷаллодон супурд. Ин аст тарҷумаи ҳоли мухтасари Исо.

# Ин Шахс Кӣ буд ва барои чӣ ҳалок гардид?

Вале мо бояд дар бораи Ӯ бештар донем. Исо инсони муқаррарӣ набуд. Вай назар ба инсон мавқеи баландтареро ишғол мекард. Исо Худо-Писар буд. Ӯ Худои бузург аст, ки ба ин замин дар ҷисми одамӣ омада, Худро дар симои одами оддӣ зоҳир намуд. Ӯ Кирдигор ва Офарандаи тамоми мавҷудот аст (Юҳанно 1:10; Қӯлассиён 1:17).

Исо барои моро аз гуноҳҳоямон наҷот додан ба ин ҷаҳон омад. Вай ҷазоеро, ки мо сазовораш будем, ба дӯши Худ гирифта, марги моро бо марги Худ иваз намуд. Исо омад, то ба ҳаёти ҷовидонӣ ба мо роҳ кушояд, то мо абадиятро бо Ӯ дар биҳишт гузаронем.

Кӣ дар марги Исо айбдор аст? Бешубҳа, дар марги Ӯ мардуми яҳудӣ бо пешвоёни динии худ айбдоранд, зеро онҳо гуфта буданд: "Хуни Ӯ бар гардани мо ва фарзандони мо бошад" (Матто 27:25). Ҳукуматдорони румӣ ҳам барои марги Исо ҷавобгар буданд, чунки қатли Исоро онҳо ба иҷро расонданд. Ҳамчунин дар марги Масеҳ ҳамаи мо низ айбдорем, чунки гуноҳҳои мо Ӯро дар салиб мехкӯб карданд. Ӯ барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон мурд (1Петрус 3:18;1Юҳанно 2:2).

Ба салиб кашидан ба таври зерин гузашт. Ҳамин ки Исоро ба Ҷолҷолто оварданд, аскарон ба Ӯ нӯшокие пешниҳод карданд, ки аз сиркову талха иборат буд. Чунин нӯшокӣ барои ба қатл маҳкумшудагон дода мешуд, то онҳо ба азобу дард тоб оварда тавонанд. Исо ин нӯшокиро нанӯшид. Ӯ бояд меҳнати худро анҷом медод ва намехост инро дар ҳолати нимбеҳушӣ ба иҷро расонад.

Соати нӯҳи пагоҳӣ онҳо дасту пойҳои Исоро дар чӯб мехкӯб карданд. Баъд чӯбро бардошта, ба чуқурие ки барои он тайёр шуда буд, гузоштанд. Ба ақли солим рост намеояд, ки Кирдигор ва Офаридгор аз ҷониби офаридаи Худ, ки ба

он ҳаёт бахшидааст, мехкӯб шавад. Вале маҳз чунин шуд. Ин ҷинояти бузургтарини инсоният буд.

Аз рӯи одати худ сарбозон либосҳои шахси ба қатл маҳкумшударо байни худ тақсим мекарданд. Онҳо бо либосҳои Исо низ чунин рафтор карданд. Сарбозон қуръа партофтанд, то либос ба яке аз онҳо расад. Пешгӯии пайғамбаронаи Довуд, ки чандин садсолаҳо пеш гуфта буд, ба амал омад: “Сару либоси маро дар миёни худ тақсим мекунанд ва бар пероҳани ман қуръа мепартоянд” (Забур 21:19).

Болои сари Исо айбномае навишта овехтанд. Дар айбнома бояд ҷиноятҳои содиркардаи Ӯ номбар мешуданд. Вале дар он танҳо як чиз навишта шуда буд: “Исои Носирӣ, Подшоҳи Яҳудиён”. Ба бисёр одамон ин маъқул нашуд. Онҳо хостанд, ки Пилотус ин навиштаро дигар кунад, то дар он “Ӯ мегуфт, ки Ман Подшоҳи Яҳудиёнам” навишта шавад. Аммо Пилотус дархости онҳоро қабул накард.

Вақте одамон мемиранд, бисёр вақт наздикону хешони онҳо ба суханони вопасини онҳо диққат медиҳанд. Исо дар чӯб овезон истода, якчанд сухани муҳим баён кард. Суханони аввалини Ӯ чунин буданд: “Падаро! Инҳоро бубахш, зеро ки намедонанд чӣ мекунанд”. Барои золимону қотилони Худ дуо кардани Исо нишонаи мӯъҷизаноки меҳрубонӣ аст. Ин дуо нишон медиҳад, ки агар онҳо тавба карда бо бовар ба Исо рӯ меоварданд, наҷот меёфтанд.

## Исо ба ҷои дигарон дашному ҳақорат шунид

Мардуми хашмгину чун баҳр ба шӯр омада ба тавбаву пушаймонӣ ягон майл надошт, балки бо писханду таҳқир худро ба шӯр меандохт. Одамони аз пеш мегузашта чунин мегуфтанд: “Ту, ки Хонаи Худоро вайрон карда, дар се рӯз аз нав бино мекунӣ, агар Ту Писари Худо бошӣ, Худатро наҷот деҳ, аз салиб фаро”. Ҳамчунин пешвоёни дин мегуфтанд: “Дигаронро наҷот медод, лекин Худашро наҷот

дода наметавонад! Агар Ӯ Подшоҳи Исроил бошад, бигзор ҳозир аз салиб фарояд, то ба Ӯ бовар кунем. Ӯ мегуфт: "Ман Писари Худо ҳастам". Агар чунин бошад, бигзор Худо Ӯро наҷот диҳад!" Агар Исо Худашро наҷот медод, мо ҳеҷ гоҳ наҷот ёфта наметавонистем. Исо аз чӯб фаромада метавонист, лекин дар он ҳолат мақсади ба замин омадани Ӯ – қурбон кардани ҷони Худ барои наҷот додани мо ҳеҷ гоҳ иҷро намешуд.

Баъд Наҳотдиҳанда ба роҳзани ҳамроҳаш мехкӯбшуда ваъда дода гуфт: "Имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд". Мо дар дарси оянда бо ин воқеа наздиктар шинос мешавем.

Марям, модари Исо, бо дили пур аз сӯзу ғам дар байни мардуми ҷамъшуда меистод. Исо бо ҳамдардӣ ба вай нигариста, ба шогирди Худ Юҳанно гуфт, ки барояш ғамхорӣ намояд.

Аз нисфирӯзӣ то соати се торикӣ ҳамаи он ҷоро фаро гирифт. Гӯё ки бо сабаби азобу уқубатҳои Писари Худо табиат ҳам андӯҳгин буд.

Муддати ин се соат Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо ғазаби даҳшатноки Худоро аз сар гузаронд. Ӯ ҷазоеро аз сар гузаронд, ки мо сазовори он будем. Исои Масеҳ ҳамаи даҳшатҳои дӯзахро, ки мо бояд бо онҳо дар ҷовидонӣ дучор мешудем, аз сар гузаронд. Ҳеҷ кас, ҳеҷ гоҳ азобҳои кашидаи Ӯро тасаввур карда наметавонад. Ранҷу азобҳои ҷисмонӣ вазнину тоқатнопазир буданд, вале онҳо бо азоби рӯҳие ки ҳангоми аз ҷониби Худо тарк карда шудан Ӯро фаро гирифт, баробар шуда наметавонанд. "Он азобҳое ки Исо аз дасти одамон дид, дар муқоиса бо кулфатҳое ки аз дасти Худо кашид, ҳеҷ чиз буданд". Ва ҳамаи ин барои мову шумо буд!

## Барои анҷом додани меҳнат чӣ лозим шуд?

Баъд аз гузаштани се соати торикӣ Исо бо овози баланд фарёд зада гуфт: "Худои Ман, Худои Ман! Чаро

маро тарк кардай?” Ҷавобаш ба мо маълум аст. Гуноҳҳои мо бар дӯши Ӯ гузошта шуда буданд. Покӣ ва росткории Худо ҷазои ин гуноҳҳоро талаб мекард. Ҳангоме ки Худо гуноҳҳои моро дар Писари дӯстдоштаи Худ дид, Ӯро тарк намуд. Исои Масеҳ ҷазои гуноҳҳои моро ба Худ гирифт. Ӯ аз ҷониби Худо тарк карда шуд, то ки мо ҳеҷ гоҳ тарк карда нашавем.

Сипас Исо гуфт: “Ташнаам”. Мо инро ду хел маънидод карда метавонем. Пеш аз ҳама, дар салиб шаш соат овезон истода, Ӯ ташнагии тоқатнопазири ҷисмониро аз сар гузаронд. Вале мумкин аст, ки Ӯ ташнагии рӯҳиеро баён кард, ки наҷот ёфтани одамонро дар рӯи замин ифода мекард. Яке аз сарбозон фикр кард, ки Исо ҷисман ташна монд ва исфанҷеро пур аз сирко карда, бар сари най ниҳод ва ба даҳони Ӯ наздик бурд.

Чун Исо сиркоро чашид, гуфт: “Иҷро шуд”. Ӯ меҳнати Худо фармударо иҷро кард, ки наҷот додани гуноҳкорон буд. Исои Масеҳ талабҳои Худоро оиди гуноҳ пурра қонеъ намуд. Ва асбаски Ӯ ин меҳнатро пурра анҷом додааст, ба он ягон чиз илова кардани мо лозим нест. Мо бояд танҳо худро бо бовар ба Исои Масеҳ, ки ин меҳнатро иҷро намуд, супорем.

Дар охир Наҷотдиҳанда нидо карда гуфт: “Падаро! Рӯҳи Худро ба дасти Ту месупорам”. Инро гуфта Исо мурд. Дар ин ҷо як лаҳзаи муҳимро бояд зикр кард, ки Исо соати маргашро муайян кард. Мо инро карда наметавонем. Ҳангоме ки соати мо мерасад, мо мемурем. Вале Исои Масеҳ барои додани ҳаёти Худ қудрат дошт (Юҳанно 10:18).

Яке аз афсарони румӣ ҳис намуд, ки як чизи ғайримуқаррарӣ ба амал омада истодааст, ва гуфт: “Дар ҳақиқат ин Одам одил буд. Дар ҳақиқат ин Одам Худо-Писар буд” (Луқо 23:47; Марқӯс 15:39).

Ҳангоме ки Исо мурд, ду воқеаи ғайриоддӣ ба вуҷуд омаданд. Дар Хонаи Худо пардаи бузурге ки ду хонаро аз ҳам ҷудо мекард, аз боло то ба поён дарида, ду пора шуд. Ин ишораи Худо ба он буд, ки роҳ ҷониби Ӯ кушода шуд.

Ҳамчунин заминҷунбӣ ба амал омад, ки қабрҳои бисёреро боз кард. Ин нишонаи он буд, ки Исои Масеҳ ҳукмронии маргро шикаст дод.

Сарбозон барои тезонидани марг соқи пойҳои ду роҳзани мехкӯбшударо зада шикастанд. Вале назди Исо омада диданд, ки Ӯ аллакай мурдааст. Яке аз сарбозон барои боварии қатъӣ ҳосил намудан бо найза ба қабурғаи Ӯ зарба зад. Аз ҷои захм хун ва об ҷорӣ шуд.

Як пайрави пинҳонии Исо, Юсуф  аз Ромо, ҷасади Масеҳро аз чӯб гирифта, онро дар қабре ки дар дохили харсанг тарошида шуда буд, гузошт.

Аммо воқеа бо ин тамом намешавад. Баъди се рӯз Исои Масеҳ аз мурдагон зинда шуд ва чил рӯз пас ба осмон баргашта, аз тарафи рости Худо чун Подшоҳ ва Наҷотдиҳанда нишаст.

Аз мурдагон зинда шудани Исои Масеҳ ҳақиқати таърихӣ мебошад. Ҳоло Ӯ зиндаву ҷовидон дар осмон аст. Ҳама доҳиёни одамӣ мурданд, ё мурда мераванд. Одамони беақл ҷонашонро ба шахси мурда боварӣ мекунанд. Одами бохирад ҷони худро ба Наҷотдиҳандаи зинда, Худованд Исои Масеҳ боварӣ мекунад.

Одамон Парвардигор ва Худованди ҳаётро мехкӯб карда, ҷинояти бузург содир карданд. Лекин агар мо бовар кунем, ки Исои Масеҳ чун Ҷонишини мо дар салиб мехкӯб шуда мурд ва бо бовар Ӯро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кунем, Худо ин ҷинояти моро ба баракати тамомнашавандаи ҷовидон мубаддал мегардонад.

ДАРСИ НӮҲУМ

# Бахшоиш дар лаҳзаи охирин

*(Луқо 23:32; 39-43)*

Дар он рӯз на танҳо Исоро мехкӯб намуданд. Аз ду тарафи Ӯ ҳамчунин ду ҷинояткор мехкӯб шуда буданд. Ҳафтсад сол пеш аз ин воқеа пайғамбар Ишаъё пешгӯӣ карда буд, ки Наҷотдиҳандаи меомадаро ба қатори ҷинояткорон дохил мекунанд (Ишаъё 53:12). Ин пешгӯӣ пурра иҷро шуд.

Дар аввал ин ду ҷинояткор якҷоя бо мардуми ҷамъомада Масеҳро масхара мекарданд. Ҳайратовар аст, ки онҳо дар дами азоб буда, Наҷотдиҳандаи бегуноҳи ҳамроҳашон мехкӯбшударо масхара мекарданд. Онҳо чунин суханҳо мегуфтанд: “Агар Ту, чунон ки мегӯӣ, Подшоҳи Яҳудиён ва Писари Худо бошӣ, аз чӯб фаро. Ё бигзор Худо омада, Туро наҷот диҳад. Худат ва моро наҷот деҳ, пас ба Ту имон меоварем”.

Вале ногаҳон дар вуҷуди яке аз ин бадбахтон чизе дигаргун шуд. Вай ақидаи худро дигар кард, ё ба таври дигар гӯем, тавба намуд. Аввал вай шарикашро ором карданӣ шуда гуфт: “Оё ту аз Худо наметарсӣ, дар сурате ки худат низ ба ҳамин ҷазо маҳкум шудаӣ? Ҷазои мо аз рӯи инсоф аст, чунки мукофоти амали худро гирифтаем, лекин Ӯ ҳеҷ бадӣ накардааст”.

Сипас вай ба Исо мурoҷиат карда гуфт: “Худовандо, ҳангоме ки ба Подшоҳии Худ расӣ, маро ба ёд овар”. Ин суханҳо аҷоиб ва ғайриоддианд, чунки онҳо ба Шахсе равона шуда буданд, ки Худаш ҳам дар чунин ҳолат буд.

Ҷавоби Исо ғайричашмдошт буд. Ӯ ба роҳзани тавбакарда чунин гуфт: “Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд”.

Ин натиҷаи аввалини меҳнати Исо дар рӯи чӯб буд. Роҳзани мурдаистода аз гуноҳ пок шуда, соҳиби ҳаёти ҷовидон шуд.

Акнун, биёед бори дигар ин ҳикояро дида баромада, ба худ панде гирем, ки бароямон манфиате оварад.

## Ба тарафи Худо чӣ тавр гузаштан мумкин аст?

Мазмуни дарси аввал он аст, ки инсон аз рӯи табиати худ гуноҳкор мебошад. Ҳар ду роҳзан айбдор буда, ба қатл маҳкум шуда буданд. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар ин лаҳзаҳои охирини ҳаёти худ, онҳо натарсида, Худои Покро масхара намуда, дашном медоданд. Китоби Муқаддас бо асоси пурра одамро гуноҳкор меномад (Румиён 3:10-18). Табиатан инсон пур аз гуноҳу бадӣ аст.

Лекин агар одам наҷот ёфтан хоҳад, бояд пеш аз ҳама муносибати худро нисбати гуноҳҳояш тағйир диҳад. Роҳзан ҳамин тавр кард. Вай дар асл муносибаташро дигар карда, худро ҳамчун гуноҳкори гумроҳшуда эътироф намуд. Вай аз ҳаёти гуноҳолуд рӯ гардонда, ба тарафи Худо гузашт ва муқобили худ шуд. Ҳамаи мо бояд маҳз ҳамин тавр кунем. Мо бояд эътироф кунем, ки гуноҳкор буда, сазовори ҷазои Худо мебошем. Худо дар ҳама ҷо ва ба ҳамаи одамон амр мефармояд, ки тавба кунанд (Аъмоли Фиристагон 17:30,31).

Аммо фақат як тавба кифоя нест. Мо бояд ба Исои Масеҳ бовар карда, Ӯро чун Худованди ҳаёти худ эътироф кунем. Ҷинояткори мурдаистода бовар кард, ки Шахси наздаш мехкӯбшуда Худованд аст, ва дудила нашуда Ӯро чунин эътироф намуд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки агар мо бо лафзи худ эътироф намоем, ки Исои Масеҳ Худованд аст ва аз таҳти дил бовар кунем, ки Худо Ӯро аз мурдагон зинда кард, наҷот меёбем (Румиён 10:9).

Бовари роҳзани мурдаистода дар муроҷиати аҷоиби ӯ ифода ёфтааст: “Худовандо, ҳангоме ки ба Подшоҳии Худ

расӣ, маро ба ёд овар”. Чуноне ки мебинем, ӯ бовар кард, ки Исо Худованд ва низ Ҳокими марг аст. Роҳзан бовар кард, ки агарчи Исо мурда истодааст, аз мурдагон зинда мешавад. Вай бовар кард, ки Исо чун Подшоҳи олам дубора ба замин бармегардад. Вай мехост, ки он гоҳ дар оянда Худованд бо раҳму шафқати Худ ӯро ба ёд оварад. Боварии вай ба Наҷотдиҳанда бузург буд.

Боз як дарси муҳиме ки аз ин воқеа бармеояд, он аст, ки мо ба воситаи кирдори неки худ наҷот намеёбем. Агар наҷот ба воситаи кирдори нек мешуд, он роҳзан ҳеҷ гоҳ онро соҳиб намегашт, зеро ҳаёти гузаштаи ӯ пур аз гуноҳу бадӣ буд. Он лаҳзаҳо вай корҳои нек ба амал оварда, ҳаёташро дигаргун карда наметавонист, чунки мехкӯб шуда, овезон буд. Китоби Муқаддас борҳо такрор менамояд, ки мо бо кирдори нек наҷот намеёбем (Эфсӯсиён 2:8,9; Титус 3:5). Амали беҳтарини мо дар назари Худо монанди либоси ифлос менамояд (Ишаъё 64:6). Боре аз Исо пурсиданд, ки барои ба Худо писанд омадан чӣ бояд кард. Исо ҷавоб дода гуфт, ки онҳо бояд ба Фиристодаи Худо, яъне ба Худи Исои Масеҳ бовар кунанд (Юҳанно 6:28;29). Ҳамаи мо аз ҳамин бояд сар кунем. Сипас, баъд аз наҷот ёфтан кирдорҳои нек ба амал меоянд. Кирдорҳои нек воситаи дарёфтани наҷот набуда, балки маҳсули он мебошанд. Онҳо самари наҷот мебошанд, на решаи он. Мо ба воситаи кирдори нек наҷот намеёбем, балки наҷот меёбем, то кирдори нек ба амал оварем (Эфсӯсиён 2:10).

Ин воқеа нишон медиҳад, ки зиёрати ҷойҳои муқаддас, ғӯта гирифтан ба номи Исои Масеҳ ва иҷрои расму русуми динӣ ба одам наҷот намебахшанд. Роҳзани мурдаистода барои наҷот ёфтан ягон расму русум ба ҷо наовард. Бо вуҷуди он Исо гуфт, ки роҳзан дар биҳишт хоҳад буд.

## Дилпурӣ ба наҷот дар ҳиссиёт асос намеёбад

Сипас мо мебинем, ки роҳзани мурдаистода нисбати наҷот ёфтани худ дилпур буд. Дилпурии ӯ дар ҳиссиёти вай асос наёфта буд. Бисёр одамон гумон мекунанд, ки ҳангоме онҳо Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунанд, бояд хушбахтии бузурге ҳис кунанд. Ва дар асоси он бояд донанд, ки наҷот ёфтаанд. Аммо агар шумо аз роҳзан, "Оё ту худатро наҷотёфта ҳис мекунӣ" – гуфта мепурсидед, шояд вай чунин ҷавоб медод: "Ман фақат дардро ҳис мекунам". Вале чӣ гуна вай фаҳмид, ки наҷот ёфтааст? Вай инро медонист, чунки суханони зерини Исоро шунида буд: "Имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд". Инро Исо гуфта буд. Дар замони мо ҳам бовардорон ҳамин тариқ соҳиби наҷот будани худро мефаҳманд. Фарқи ягона дар замони ҳозира он аст, ки Исои Масеҳ ба мо на ба шакли аёнӣ, балки ба воситаи Китоби Муқаддас мурочиат мекунад. Дар Китоби Муқаддас Худованд Исои Масеҳ ваъда медиҳад, ки касони ба Ӯ боваркарда наҷот меёбанд (Юҳанно 5:24). Ҳамин тариқ, мо мефаҳмем, ки дилпурӣ ба наҷот на ба воситаи ҳиссиёт, балки ба воситаи сухани Худо, ки дар Китоби Муқаддас сабт шудааст, ба вуҷуд меояд.

Бояд дар хотир дошт, ки бовардор пас аз марги худ рост назди Исои Масеҳ, ба осмон меравад, то ҳамроҳи Ӯ дар биҳишт бошад. Ин ҳақиқати аҷоиб дар ояти 43 ифода ёфтааст.

Ин порча ҷиддӣ ёдрас мекунад, ки на ҳама наҷот меёбанд. Дар он рӯз бо Исои Масеҳ ду ҷинояткор мехкӯб шуда буданд, вале фақат як нафари онҳо наҷот ёфт.

"Аз як тарафи Исои Масеҳ одам метавонад ба биҳишт равад, вале аз тарафи дигар – ба дӯзах. Шумо дар кадом тарафи салиб истодаед?"

Аз ҳикоя маълум мегардад, ки одам дар лаҳзаи охирини ҳаёти худ ҳам наҷот ёфта метавонад. Роҳзани мурдаистода дар дами охирини ҳаёти худ наҷот ёфт. Вале шахсе ки масъалаи наҷоти худро ба рӯзҳои охири ҳаёти худ мононданӣ мешавад, тамоман бемулоҳиза рафтор мекунад, зеро фаро расидани соати охирини худро дониста наметавонад. Китоби Муқаддас дар ин бора чунин мегӯяд:

“Ҳоло вақти мусоид мебошад, ҳоло рӯзи наҷот аст” (2Қӯринтиён 6:2).

Хеле даҳшатовар аст, ки одамон метавонанд ба Исои Масеҳ чунин наздик буда, ҳамзамон гуноҳкори гумроҳшуда бошанд. Роҳзани дуюм ба Наҷотдиҳанда наздик, вале бо вуҷуди он аз наҷот дур буд. Ба монанди ин, мумкин аст, ки ягон кас дар оилаи бовардорон зода шуда, тарбияи хуб гирифтааст, вале агар ӯ Исои Масеҳро қабул карда, аз олами боло зода нашуда бошад, гуноҳкори гумроҳшуда аст. Агар вай дар гуноҳҳои худ бимирад, пас охиратро дар дӯзах мегузаронад.

ДАРСИ ДАҲУМ

# Ду шоҳиди Худо, ки ба зиндон партофта шуданд *(Аъмоли Фиристагон 16:16-34)*

Павлус ва Сило ба шаҳри Филиппӣ, ки дар шимоли Юнон ҷойгир буд, равона шуданд, то ба одамон хушхабари Исои Масеҳро расонанд. Пас аз якчанд муддат онҳо бо зане вохӯрданд, ки ҷинзада ва гирифтори рӯҳи шайтон буд. Он зан каниз буд ва ба воситаи фолбинӣ ба соҳибони худ даромади калон меовард. Вай ҳар рӯз аз паси Павлус ва Сило гашта, фарёд зада мегуфт: “Ин одамон бандагони Худои Таолоянд, ки роҳи наҷотро ба мо хабар медиҳанд”.

Вале Павлус шаҳодати ҷинҳоро қабул намекард. Бинобар ин, вай ба каниз рӯ оварда, ба ҷин фармуд, ки аз вай берун шавад. Ҷин дарҳол аз зан берун шуд. Барои зани каниз ин шаҳодати нек буд. Вале барои соҳибонаш ин мувофиқ наомад, чунки онҳо ба воситаи фолбинии вай даромади калон ба даст меоварданд. Онҳо чун бисёр одамони дигар ба беҳбудии одам аҳамият надода, ба молу пул ҳавас доштанд. Бо нияти гирифтани қасос онҳо ба Павлус ва Сило тӯҳмат карда, онҳоро назди ҳокимон оварданд ва дар фаъолияти зидди румиён гунаҳкор намуданд. Ҳокимон инро шунида, ба ғазаб омаданд ва бе ягон муҳокима Павлус ва Силоро ба ҷазои ҷисмонӣ гирифтор намуда, ба зиндон партофтанд. Ҳамин тариқ, ин ду муждабар кӯфташудаву маҷрӯҳ гирифтори зиндон шуданд.

Магар онҳо дар зиндон аз тақдири худ шикоят мекарданд? Ҳаргиз не. Онҳо ин муддати дар зиндон гузарондаашонро бо фоида истифода бурда, ба Худо дуо мегуфтанд ва Ӯро дар сурудхонӣ таъриф менамуданд. Онҳо

медонистанд, ки чор девор ҳанӯз зиндон нест ва панҷараҳои оҳанин қафас намебошанд.

## Дуое ки деворҳои зиндонро ба ларза овард

Ҳангом ки масеҳиён дуо мегӯянд, ҳамеша натиҷаҳои муайянро комёб мешаванд. Нисфишабӣ заминҷунбии сахте ба амал омад, ки таҳкурсии зиндонро ба ларза даровapда, ҳамаи дарҳои онро боз кард. Ҳатто занҷирҳое ки пойҳои зиндониёнро бо онҳо баста буданд, канда шуданд. Аммо бинои зиндон вайрон нашуд.

Заминҷунбии сахт посбони зиндонро бедор кард. Вай аз ҷояш бархосту давида ба кӯча баромад ва манзараеро дид, ки ӯро тамоман ба ҳайрат овард. Дарҳои зиндон калон кушода буданд. Агар ҳатто як зиндонӣ гурехта бошад, ҳаёти посбон ба охир мерасид. Бинобар он вай ба ғайр аз худкушӣ илоҷи дигар намедид ва шамшерро гирифта, худро куштан хост. Дар ҳамин лаҳза Павлус ва Сило бо овози баланд аз зиндон фарёд зада, гуфтанд: “Ба худ зараре нарасон, зеро ки ҳамаи мо дар ин ҷо ҳастем”.

Дар ин лаҳза бо посбони зиндон дигаргунии бузурге ба амал омад. Вай чароғе талаб карда, бо тарсу воҳима ба даруни зиндон шитофт. Лаҳзае пеш давом додани ҳаёт ӯро ба даҳшат меовард, ҳоло бошад вай аз мурдан метарсид. Вай барои назди Худо ҳозир шудан тайёр набуд. Вуҷуди вайро ҳисси гуноҳкорӣ фаро гирифт. Хатар дигар ба ҳаёти ӯ таҳдид намекард, аммо вай сарфаҳм мерафт, ки ҷонаш ба наҷот ёфтан мӯҳтоҷ аст. Аз ҳамин сабаб вай аз Павлус ва Сило мепурсад: “Чӣ бояд кунам, то ки наҷот ёбам?”

Онҳо ҳамон замон ҷавоб дода, гуфтанд: “Ба Худованд Исои Масеҳ имон овар ва ту бо аҳли оилаи худ наҷот хоҳӣ ёфт”.

Акнун як диққат диҳед! Ба Худованд Исои Масеҳ бовар кун гуфта, Павлус ва Сило чиро дар назар доштанд?

Бо кӯшиши худ сазовори наҷот шуданро? Албатта не, зеро бовар ва кирдор мафҳумҳои гуногунанд (Румиён 4:5).

Бовар иҷро кардани шариат нест (Румиён 8:3). Он ҳамчунин маънои риоя кардани маросимҳои қабулшуда ё аъзои ягон ҷамоати динӣ буданро надорад. Ҳатто ба Шахси таърихӣ будани Исо бовар кардан ҳанӯз бовар нест.

## Бовар кардан чӣ маъно дорад?

Ба Исои Масеҳ бовар кардан – Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул кардан аст (Юҳанно 1:12;).

Ба Исои Масеҳ бовар кардан – дари дилро ба Ӯ кушодан аст (Ваҳй 3:20).

Ба Исои Масеҳ бовар кардан – ҳамчун Ҳақиқат, Роҳи наҷот ва Ҳаёт қабул кардани Исои Масеҳ мебошад (Юҳанно 14:6).

Мо метавонем дар даст чиптаи ҳавопаймо дошта бошем, вале то даме ки ба он савор нашавем, бовар намекунем, ки он моро ба ҷои даркорӣ бурда мерасонад. Ҳамин тариқ, мо бояд худро ба Исои Масеҳ, ҳамчун умеди ягона ба ҳаёти ҷовидон, супорем.

Ҳангоме ки мо ба курсӣ мешинем, бо тамоми вазн ба он ҷойгир шуда, бовар мекунем, ки курсӣ моро мебардорад. Ба Исои Масеҳ бовар овардан маҳз ҳамин маънoро дорад.

Ҳангоме ки зан ба ақди никоҳи мард медарояд, вай розӣ мешавад, ки ин мард шавҳари қонунии вай гардад. Зан розигии худро “бале”, ё “ҳа” гуфта баён мекунад. Худо моро мепурсад: “Оё шумо Писари Маро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунед?” Агар ҷавоби мо “ҳа” бошад, сипас мо ба Худованд Исои Масеҳ бовар дорем.

Агар одам аз самими дил гуфта тавонад:

1. ки гуноҳкор буда, сазовори ҷазои абадӣ дар дӯзах мебошад;

2. ки бовар мекунад, ки Исои Масеҳ ба ҷои вай дар салиби Ҷолҷолто мурд;
3. ки Худованд Исои Масеҳ ягона умеди вай ба ҳаёти ҷовидон аст;
4. ки Худованд Исои Масеҳро бо боварӣ қабул мекунад — он гоҳ вай ба Исои Масеҳ бовар овардааст.

Он шаб дар зиндони Филиппӣ бо посбони зиндон айнан ҳамин тавр шуд ва тамоми оилаи вай ба ин амали неки ӯ пайравӣ намуд.

Сипас Павлус ва Сило ба вай Каломи Худоро таълим доданд. Шояд онҳо баробари дигар таълимотҳо насиҳат доданд, ки боваркардагон бояд ба номи Исои Масеҳ ғӯта гирифта, ба ин восита Наҷотдиҳандаро ошкоро эътироф кунанд.

Баъд посбон ҷароҳатҳои Павлус ва Силоро шуста, баст (шояд шумо фаромӯш накардаед, ки як рӯз пеш аз ин воқеа онҳоро ба ҷазои ҷисмонӣ гирифтор карда буданд). Пас аз чанде посбон бо аҳли оилааш ба номи Исо ғӯта гирифтанд. Ғӯта гирифтани онҳо шаҳодат медод, ки онҳо акнун пайравони Исои Масеҳ буда, ваъда медиҳанд, ки ҳар рӯзи ҳаёти худро барои Худованд Исои Масеҳ зиндагӣ мекунанд.

Посбони зиндон боз ба таври дигар дар амал нишон дод, ки соҳиби ҳаёти нав гаштааст. Ӯ муждабаронро ба хонааш оварда, меҳмондорӣ кард. Бешубҳа, он вақт дар сари дастархон онҳо хурсандии бузург доштанд. Акнун онҳо дар Исои Масеҳ ягона, бародару хоҳар ва аъзои оилаи фарзандони Худо шуданд.

Рӯзи дигар ҳокимон донистанд, ки Павлус ва Сило шаҳрвандони Рум мебошанд ва фаҳмиданд, ки хатои калон содир кардаанд, чунки бо онҳо бе тафтишот, ғайриқонунӣ ва золимона муносибат карданд. Онҳо шахсан назди онҳо рафта, онҳоро озод карданд ва хоҳиш намуданд, ки онҳо шаҳрро тарк намоянд.

## Дар асл чӣ ба амал омада буд?

Дар ин воқеа якчанд лаҳзаҳои муҳимро зикр кардан лозим аст.

Якум, мо усулҳои гуногунеро мебинем, ки шайтон дар амалҳояш истифода мебарад. Шайтон ба воситаи зани фолбин ба ду муждабар хушомадгӯӣ карданӣ мешавад. Ҳангоме ки ин усул натиҷаи дилхоҳ надод, шайтон ба усули дигар гузашта, Павлус ва Силоро ошкоро ба ранҷу азоб гирифтор намуд ва ба зиндон андохт. Баъзан шайтон чун мори маккор (Ваҳй 12:9) ва баъзан мисли шери ғурроскунанда амал мекунад (1Петрус 5:8).

Дуюм, мо дар ҳаёти посбони боваркарда мушоҳида мекунем, ки пас аз наҷот ёфтан корҳои нек ба вуҷуд меоянд. Дар ин воқеа се кирдори неки посбон зикр мешавад: вай ҷароҳатҳои ҷабрдидагонро шуста баст; ба номи Исои Масеҳ ғӯта гирифт ва Павлусу Силоро ба хонааш оварда, меҳмондорӣ кард.

Оид ба Павлус ва Сило бошад, мо мебинем, ки ин ду мард барои амали нек ранҷу азобҳо диданд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки агар мо барои хатоҳоямон ҷазо бинем, ин Худоро ҷалол намедиҳад. Вале, агар мо барои кори нек ранҷ барем ва бурдборона ба он тоқат оварем, ин ба Худо хуш меояд (1Петрус 2:19,20). Бо Исо низ чунин ба амал омада буд.

Мо ҳамчунин мебинем, ки Худо метавонад ба воситаи вазъияте ки ба назар нохушу бад метобад, некӣ оварад. Вазъияти бади муждабарон ба наҷот ёфтани посбони зиндон мусоидат кард. Ба дӯстдорони Худо ҳама чиз ба нафъашон ёрдам медиҳад (Румиён 8:28).

Заминҷунбӣ дар вақти даркорӣ ба амал омад. Худо ба табиат амр мекунад, ки меҳнати Ӯро амалӣ намояд. Худо барои амалӣ гардондани мақсадҳои Худ меҳнат мекунад ва соҳиби муваффақият мегардад.

Ҳокимон аз хатои худ пушаймон шуда, Павлус ва Силоро шахсан аз зиндон озод намуданд ва бо ин ҳақиқати

навбатии Китоби Муқаддас тасдиқ шуд: “Агар роҳҳои одам ба Худованд маъқул бошанд, Худо душманонашро низ бо вай оштӣ медиҳад”(Масалҳо 16:7).

ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

# Зани зинокоре ки сипас дар бораи Исо шаҳодат медод *(Юҳанно 4:4-30)*

Исо аз вилояти Яҳудо ба сӯи шимол, ба Ҷалил равона буд. Одатан, дар чунин сафар яҳудиён роҳи гирдогирдро истофода мебурданд, то ки аз вилояти Сомария нагузаранд. Онҳо бо сомариҳо ягон хел робита доштан намехостанд, чунки сомариҳо авлодони яҳудиёни бо дигар халқҳо омехта буданд. Вале Исо ба фарқи нажодӣ аҳамият намедод ва роҳи ростро ба воситаи Сомария интихоб намуд.

Нисфирӯзӣ Исо монда шуда, назди чоҳе нишаст. Ҳамин вақт зане барои об гирифтан назди чоҳ омад. Исо бо вай сӯҳбат сар карда, барои нӯшидан аз ӯ об пурсид. Зан ҳайрон шуд, ки яҳудӣ бо ӯ – зани сомарӣ, гап мезанад. Ҳангоми сӯҳбат Исои Масеҳ дар бораи оби ҳаёт, ки Ӯ ба одамон пешниҳод мекунад, гап зад. Вале зани сомарӣ танҳо дар бораи оби чоҳ, ки назди онҳо буд, фикр мекард.

Сипас Исо ба зан гуфт, ки одамон оби табииро нӯшида, боз ташна мемонанд ва он чи ин ҷаҳон пешкаш мекунад, ташнагии дили инсонро шикаста наметавонад. Аммо он касе ки оби пешниҳодкардаи Ӯро нӯшад, ҳеҷ гоҳ ташна нахоҳад монд.

Шавқи зани сомарӣ ба сӯҳбат афзуд. Вай бо ҳаёти фосиқона хушбахт шудан мехост, вале ба нокомӣ дучор шуд. Бо ҳамин сабаб зан аз Исо оби пешниҳодкардаи Ӯро хоҳиш намуд, то дигар ҳеҷ гоҳ ташнагӣ ҳис накунад.

Маҳз дар ҳамин лаҳза Худованд Исои Масеҳ ба виҷдони зан таъсир намуда гуфт: “Бирав ва шавҳаратро ба

ин ҷо чеғ зан”. Зани сомарӣ дархости Исоро рад карданӣ шуда, “ман шавҳар надорам” гуфт.

“Ту рост гуфтӣ, ки шавҳар надорӣ. Ту панҷ шавҳар доштӣ ва он касе ки алҳол дорӣ, шавҳари ту нест”, – гуфт Исо.

Исо инро гуфта, занро хиҷил, ё шармгин кардан намехост. Ӯ танҳо кӯшиш намуд, ки дар гуноҳ зиндагӣ кардани занро ба вай нишон диҳад. Чунин ҳолати зан, ки вай дар он зиндагӣ мекард, мухолифи Сухани Худо буд. Дар ҳақиқат, ҳар гуна алоқаи ҷинсии берун аз никоҳ гуноҳ аст. Дар замони мо баъзеҳо мегӯянд, ки: “Агар чунин муносибатҳо дар асоси “ишқу муҳаббат” ба амал оянд, ин хуб аст. Ҳар гуна алоқаи ҷинсие, ки дар он ду нафар калонсол бо розигии тарафайн ширкат менамоянд, раво аст”. Вале Худо дар Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳар гуна зинокорӣ ва бадахлоқии ҷинсӣ гуноҳ аст. Онҳо ба ҳаёти одам зарар оварда, ба вай таъсири марговар мерасонанд ва дар охир ба дӯзах, марги ҷовидон дучор мекунанд.

Пеш аз он ки ин зани сомарӣ наҷот ёбад, вай бояд гуноҳкори гумроҳшуда будани худро дарк мекард. Бинобар ин Исо ҳаёти гуноҳолуди вайро ошкор намуд.

Дили зани сомарӣ аз таъсири суханони Исо оҳиста-оҳиста равшан мешуд. Вай фаҳмид, ки Исо ҳамон Наҷотдиҳандаи ваъдашуда аст. Вай ба Исо бовар карда, Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул намуд. Баъд зан ба шаҳр баргашта, далерона дар бораи Исо шаҳодат дода мегуфт: “Биёед ва Касеро бинед, ки ҳар он чӣ кардаам, ба ман гуфт. Оё Ӯ Масеҳ нест?”

Бо шаҳодати зан бисёр сомариҳо аз шаҳр назди Исо барои вохӯрӣ омаданд ва ба Ӯ бовар карданд. Зан бо файзу марҳамате ки ба воситаи бовар соҳиб гашт, қаноатманд намешуд, зеро мехост ин файзро ба дигарон низ расонад. Мо ҳам бояд ҳамин тавр амал кунем.

Барои омӯхтани шаҳодатдиҳӣ мо бояд ба Исои Масеҳ, Наҷотдиҳандаи Бузург назар кунем. Мо бояд мушоҳида кунем, ки чӣ гуна Ӯ меҳнаташро ба ҷо меовард, чӣ гуна

муомила мекард ва чӣ гуна занро аз гуноҳ ба бовари наҷотбахш равона кард.

Пеш аз ҳама, Исо аз ӯ хизмате хост. Вай аз зан об пурсида "яхи сӯҳбатро шикаст" (Юҳанно 4:7).

Дуюм, Исо зани сомариро водор намуд, ки дар бораи Кӣ будани Ӯ ва чӣ будани "оби ҳаёт", ки Исо пешниҳод мекунад, андеша намояд (ояти 10). Ба Шахсияти Исои Масеҳ ва наҷоте ки Ӯ ато мекунад, ҷалб намудани диққати мардум барои мо хеле муҳим аст.

Ҳангоме ки зан дар хусуси баъзе масъалаҳои барои фаҳмишаш душвор ба Исо саволҳо дод (ояти12), Исо ба онҳо ҷавоб гардонд (ояти 13,14), лекин ҳамеша дар сӯҳбат мақсади муайянеро нигоҳ медошт.

Ҳангоме ки зани сомарӣ хоҳиши гирифтани оби ҳаётро пайдо намуд (ояти 15), Исо виҷдони хоболуди ӯро нисбати ҳаёти гуноҳолудаш бедор кард (ояти 16). Пеш аз наҷот гирифтан одам бояд сарфаҳм равад, ки гуноҳкори гумроҳшуда мебошад.

Зан кӯшиш намуд, ки ҳақиқати гуноҳҳои худро пинҳон намояд, аммо Худованд нишон дод, ки вай дар гуноҳи зино зиндагӣ мекунад (ояти 17:18).

# Канораҷӯӣ аз мавзӯи душвор

Зан кӯшиш кард аз ин мавзӯъ канораҷӯӣ намояд. Бо ин мақсад вай сӯҳбатро ба фарқи яҳудиён ва сомариҳо доир ба парастиши Худо гузаронд (ояти 20:21). Вай мехост, то Масеҳ ҷони овораи вайро, ки намедонист аз мушкилӣ худро ба куҷо занад, набинад.

Исо босаброна ба саволи вай ҷавоб дода, дар ҳақиқат чӣ тавр парастиш кардани Худоро фаҳмонд (ояти 22:24).

Ҳангоме ки зани сомарӣ дар бораи Наҷотдиҳандаи меомада сухан ронд, Исо Худро Ҳамон Наҷотдиҳандаи ваъдашуда аён кард (ояти25:26).

Мумкин аст, ки маҳз дар ҳамин лаҳза зан дарҳои дили худро ба Наҷотдиҳанда кушод, чунки баъд саросемавор ба шаҳр рафта, дигаронро ҳам барои вохӯрӣ бо Исо ҷеғ зад (ояти 29). Шаҳодати вай содда, вале таъсиркунанда буд. Одамон кору машғулиятҳои худро як тараф гузошта, аз шаҳр баромаданд, то ки Исоро ёбанд.

Агар мо дар ҳақиқат ба ягон чӣ боварӣ дошта бошем, хоҳиш пайдо мекунем, ки дар бораи он ба дигарон гап занем. Зани сомарӣ ҳақиқатан ба Масеҳ боварӣ намуда бовар кард. Аз ин сабаб вай хоҳиш пайдо намуд, ки дар бораи Исо ба дигарон шаҳодат диҳад.

Баъзеҳо ба шарофати шаҳодати ин зан ба Исои Масеҳ бовар карданд (ояти 39). Аммо бисёриҳо суханони Худи Худованд Исои Масеҳро шунида, ба Ӯ бовар карданд (ояти42).

Як мулоҳиза намоед, ки чӣ гуна мӯъҷиза ба амал омад! Дар муддати якчанд соат зани сомарӣ аз ҳаёти гуноҳолуд рӯй гардонида, пайрави Наҷотдиҳанда шуд. Вай зуд барои ба назди Исои Масеҳ даъват намудани дигарон шурӯъ намуд. Худо мехоҳад, ки дар ҳаёти шумо низ чунин чизе ба амал ояд.

ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

# Ба воситаи тӯҳмат гирифтори зиндон шудан *(Ҳастӣ 39-41)*

Дар ҳикояти ҳаёти Юсуф кӯшиши ба зинокорӣ ҷалб намудани ӯ, ҷанҷол, тӯҳмати бардурӯғ ва ба воситаи ин тӯҳмат зиндонӣ гардидани вай дида мешавад.

Юсуф, писари дӯстдоштаи Яъқуб, қоматбаланд ва зебо буд. Бародаронаш аз рашку ҳасад ӯро ба Миср фурӯхтанд. Дар ин ҷо вай ғуломи як шахси мӯътабар шуд, ки Фӯтифар ном дошт. Фӯтифар сардори посбонони подшоҳи Миср буд.

Юсуф ҳаёти пок ба сар мебурд. Ӯ яке аз қаҳрамонони Китоби Муқаддас ба ҳисоб меравад, ки ҳаёташ бо покизагӣ фарқ мекард. Сухан дар бораи он намеравад, ки вай бегуноҳ буд, зеро бо ин ҳеҷ кас фахр карда наметавонад. Вале Юсуф шахси ростқор буд. Вай ба Худованд таваккал намуда, аз сидқи дил кӯшиш мекард, ки Суханони Ӯро ба ҷо оварад.

Ҳамчунин Юсуф дар меҳнати худ мавқеи баландро соҳиб гашт. Ба вай бовар кардан мумкин буд, зеро вай бо меҳнатдӯстӣ фарқ намуда, худро бохираду оқил нишон дод. Соҳибаш ӯро баланд қадр мекард.

Зани Фӯтифар бошад беҳаё, шаҳватпараст ва бешарм буд. Боре вай ба Юсуф пешниҳод кард, ки бо вай бихобад. Юсуф пешниҳоди ӯро рад намуда, гуфт: “Ман наметавонам ин корро кунам, зеро намехоҳам дар назди Худо ва бар зидди шавҳари ту, ки ҳама чизро ба ман боварӣ намудааст, гуноҳ кунам”.

## Дурӯғ ва айбдоркунӣ

Зани Фӯтифар ҳар рӯз Юсуфро маҷбур месохт, ки бо вай бихобад, аммо Юсуф доимо рад мекард.

Боре зан аз гиребони ҷомаи Юсуф дошта, гуфт: "Бо ман хоб кун". Юсуф ҷомаи худро дар дасти зан партофта, гурехт. Шояд шумо фикр кунед, ки вай сустӣ зоҳир намуда, худро бо гурехтан халос кард. Аммо ин на сустӣ, балки қувва буд. Китоби Муқаддас мефармояд, ки мо бояд аз шаҳват, зино (ҳар гуна алоқаи ҷинсие ки берун аз ақди никоҳ аст) ва ҳар гуна васвасаи гуноҳ гурезем (2Тимотиюс 2:22; 1Қӯринтиён 6:18).

Зани радшуда ҷомаи Юсуфро дар худ нигоҳ дошт ва ба паҳн намудани суханҳои тӯҳмату дурӯғ дар бораи Юсуф шурӯъ намуд. Вай гуфт, ки Юсуф ба вай ҳамла овард, вале ҳангоме ки вай дод гуфт, Юсуф ҷомаи худро партофта, гурехт. Ҷома ҳамчун далели асосӣ бар зидди Юсуф буд.

Ҳангоме ки Фӯтифар ба хона баргашт, айбдоркунии сохтаро шунида, ба он бовар кард ва Юсуфро ба зиндон гирифтор кард.

Ин тӯҳмати ҳақиқӣ буд. Юсуф ҳаёти росткорона ба сар мебурд, вале акнун бо вай чунин ҳодиса рӯй дод. Вай бо тӯҳмат гирифтори зиндон шуд. Баъзан одамон ва ҳатто бовардорон низ ба чунин ҳолат гирифтор мешаванд. Худо нагуфтааст, ки ҳаёти бовардорон осон ва бе ҳеҷ ғаму ташвиш мегузарад. Бо вуҷуди ин, Худо ваъда додааст, ки дар ҳама вазъиятҳои зиндагӣ ба мо ғалабаи рӯҳӣ бахшида метавонад.

## Ба баракат табдил ёфтани душвориҳо

Юсуф вақтро беҳуда намегузаронд, ӯ дигаргун шудани вазъиятро интизор буд. Вай қарор дод, ки маҳз дар ҳамин зиндон барои Худо зиндагӣ мекунад. Юсуфро дар вазифа боло бардошта, роҳбари зиндониён таъин намуданд.

Баъд Худованд ба ӯ қудрати кушодани таъбири хобро бахшид. Юсуф таъбири хоби ду зиндониро маълум намуд ва чуноне ки ӯ гуфта буд, ҳамон хел дар амал низ рӯй дод. Яке аз зиндониён, соқии подшоҳ, аз зиндон озод шуда, боз дубора ба вазифаи пештарааш интихоб гашт. Зиндонии дигар, нонвойи подшоҳ, ба дор кашида шуд.

Соқӣ пеш аз ба озодӣ баромаданаш ваъда дод, ки Юсуфро фаромӯш намекунад ва барояш подшоҳро илтимос мекунад, вале фаромӯш намуд. Танҳо ҳангоме ки подшоҳ хоб дид ва таъбири хобашро фолбинону хирадмандонаш кушода натавонистанд, соқӣ Юсуфро ба ёд оварда, оиди вай ба подшоҳ гуфт.

Юсуф таъбири хобҳои подшоҳро гуфта тавонист. Ин хобҳо ҳафт соли фаровонӣ ва ҳафт соли гуруснагию қаҳтиро ифода мекарданд. "Дар ҳафт соли аввал захира кардани хӯрокворӣ зарур аст, – маслиҳат дод Юсуф, – то ки дар солҳои минбаъда ягон гуруснагиву қаҳтӣ рӯй надиҳад".

Подшоҳ ба Юсуф гуфт: "Худои ту Худои ҳақиқист. Ман туро сарвари тамоми замини Миср таъин мекунам. Ту шахси дуюм баъди ман мешавӣ".

Ва ҳамин тавр ба амал омад. Юсуф сарвазир интихоб шуд. Подшоҳ ба Юсуф духтари зебои мисриро ба занӣ дод.

Ҳаёти Юсуф ҳақиқати Китоби Муқаддасро тасвир мекунад: "Ба дӯстдорандагони Худо, ки мувофиқи пешбинии Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад" (Румиён 8:28).

Юсуф бисёр воқеаҳоро аз сар гузаронд, ки чун нобарорӣ менамуданд. Вале дар паси ҳамаи ин Худо меистод, ки душвориҳоро ба некӣ табдил медод. Юсуф Худоро ситоиш карда, ҷалол дод ва Худо низ ӯро то ба мартабаи баланд боло баровард (1Подшоҳон 2:30). Юсуф дар охири ҳикоят назар ба аввали он ҳолату вазъияти хубтареро соҳиб гашт. Ҳамчунин ҳар касе ки Худоро дар зиндагии худ ситоиш карда, ҷалол диҳад, дар ҷовидонӣ ҳамин гуна ҳолатро мушарраф мегардад.

Агар шумо дар ҳақиқат худро гуноҳкори гумроҳшудаву ноумед мешуморед, донед, ки аз ин ҳолат роҳи халосӣ ҳаст. Ин роҳ ба воситаи бовар ба Худованд Исои Масеҳ аст! Барои наҷот пайдо кардан шумо метавонед бо дуо ба Наҷотдиҳанда – Исои Масеҳ муроҷиат намоед. Агар шумо аз сидқи дил Худованд Исои Масеҳро чун наҷотдиҳандаи худ аз гуноҳҳо қабул карда, ба Ӯ бовар кунед, Ӯ гуноҳҳои шуморо бахшида, ба шумо ҳаёти нав ва умри ҷовидон ҳадя менамояд. Худи Ӯ чунин гуфта аст: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад” (Юҳанно 6:47).

# Намунаи дуо

*Худованд Исои Масеҳ, ман худро айбдор, гуноҳкори гумроҳшуда ва сазовори ҷазои дӯзах эътироф мекунам. Ман дар гуноҳҳои худ тавба карда, аз онҳо рӯй мегардонам ва ба тарафи Ту мегузарам. Ман боварӣ дорам, ки Ту Худованди ман ҳастӣ ва ҷои маро гирифта, барои гуноҳҳои ман қурбон шудӣ ва аз мурдагон дубора зинда гардидӣ. Ман бо тамоми дилу ҷон Туро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованди худ қабул менамоям. Инчунин ваъда медиҳам, ки Туро дӯст дорам, ба Ту итоат ва хизмат намоям. Омин!*